آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

9 ноябри соли 2022 Чоршанбе

№ 89-90 (14894)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## АҲАМИЯТИ САМАРАБАХШ БА КОР АНДОХТАНИ ИҚТИДОРИ ҲАМКОРӢ БО САНКТ-ПЕТЕРБУРГ ТАЪКИД ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 ноябр ҳайати шаҳри Санкт-Петербургро таҳти сарварии губернатор Александр Беглов қабул кард.**

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории амалӣ дар сатҳи минтақаҳои ду кишвар баррасӣ шуданд.

Ба бунёди инфрасохтори муосири логистикӣ ва савдою тиҷоратӣ ҷиҳати афзоиши муомилоти тарафайни мол, дастгирӣ ва пешбурди лоиҳаҳои кооператсияи саноатии корхонаҳои пешқадам, амиқсозии ҳамкориҳо дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва шаҳрсозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Идомаи мубодилаи фаъоли фарҳангию гуманитарӣ дастгирӣ ёфт.

Дар бораи омода ва қабули «харитаи роҳ»-и ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни вилоятҳои Ўзбекистон ва шаҳри Санкт-Петербург тавофуқ ҳосил шуд.

**ЎзА.**

## АЗ ХОҶАГИҲОИ ГАРМХОНАВӢ ТО 1 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 БАРОИ САРИВАҚТ НАПАРДОХТАНИ ГАЗИ ТАБИӢ МУЗДИ ИЛОВАГӢ СИТОНДА НАМЕШАВАД

***Бехатарии маҳсулоти хӯроквори, муттасил таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти босифату кафолатдори кишоварзӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба шумор меравaнд. Содироти мунтазами маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷабҳаи аграрӣ тезондани ислоҳотро тақозо мекунад.***

Ҳоли ҳозир хоҷагиҳои гармхонавӣ бобати тамоми сол таъмин сохтани бозорҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ нақши муҳим мебозанд, барои ҳамин ҳам ба самти мазкур эътибори махсус дода мешавад. Қарори Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ бинобар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои гармхонавӣ» аз 2 ноябри соли равон барои ба дараҷаи нав бардоштани корҳо дар самти мазкур аҳамияти махсус касб менамояд.

Хабарнигори ЎзА бо директори генералӣ оид ба рушди боғдорӣ ва хоҷагии гармхонавӣ Ҳусниддин Каримов дар бораи аҳамият ва моҳияти қарори мазкур, ҳамчунин вазифаҳое, ки дар он муайян шудаанд, суҳбат кард.

**– Аҳамият ва моҳияти муҳими чорабиниҳое, ки дар қарори Президент аз 2 ноябри соли равон мушаххас шудаанд, аз чиҳо иборатанд?**

– Зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хӯроквори, ҳаллу фасли мушкилоте, ки фермерон ва деҳқонон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, кумакрасонӣ ба онҳо ба самтҳои бартариноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтанд. Ин, албатта, бесабаб нест. Мувофиқи таҳлилҳо 25 намуди молҳои хӯроквории, ки ба бозорҳои дохилӣ пешниҳод мешаванд, аз воридот вобастаанд. Чунончи, 20-25 фоизи талаботи ҳарсола ба 3 миллиону 400 ҳазор тонна картошка аз ҳисоби воридот сарпӯш карда мешавад. Талаботи солонаи мо ба равғани рустанӣ 515 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, ки 46 фоизи он аз хориҷа ворид мегардад.

Барои он ки кашондани маҳсулоти хӯроквориро коҳиш диҳем, бояд истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро зиёд кунем. Дар ин бобат аҳамият ва нақши хоҷагиҳои гармхонавӣ баланд аст. Ҳоли ҳозир майдони умумии 3000 гармхонаҳои кишвари мо 6 ҳазору 300 гектарро ташкил медиҳад. Он санад боиси эътибор мебошад, ки 4 ҳазору 300 гектари онҳо панҷ соли охир ташкил ёфтанд ва ин нишондиҳанда сол аз сол меафзояд.

Мувофиқи қарори мазкур дастгирии субъектҳои хоҷагиҳои гармхонавӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоидтар барои аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш кор кардани онҳо, ҳамчунин рағбатноксозии иловагии афзудани даромади аҳолӣ, ки дар ин соҳа кор мекунанд, пешбинӣ мегардад. Бинобар ҳуҷҷати мазкур муҳлати умумии пардохти даврони имтиёзноки вомҳо 14 сол ва аз 3 сол то ба 5 сол тамдид додани онҳо, ки аз ҳисоби маблағи идораҳои байналхалқии молиявӣ, бунёдҳои мақсаднок, бунёди таҷдид ва рушд бо асъори миллӣ ва хориҷӣ барои хоҷагиҳои гармхонавӣ ва анборҳои сард ҷудо карда шудаанд, пешбинӣ гардидааст.

Шарти сарпур сохтани вомҳои ҷудогардида ба шароити ҷамъоварӣ ва фурӯши ҳосили гармхонаҳо мувофиқ карда шудааст. Тамдид додани муҳлат пас аз ҷамъоварӣ, фурӯши ҳосил ва гирифтани даромад имконияти хуб барои фермерон мебошад.

Баробари ин ба хоҷагиҳои гармхонавӣ дар давраи аз 1 октябри соли 2022 то 1 апрели соли 2023 ба тартиби мустасно миқдори қарз бинобар сари вақт напардохтани музди гази табиӣ илова карда намешавад.

Умуман тамоми чораҳое, ки дар ин қарор пешбинӣ шудаанд, ба дастгирии ҳамаҷонибаи хоҷагиҳои гармхонавӣ, фароҳам овардани шароит баҳри фаъолияти озоди онҳо хидмат мекунанд. Ба шарофати он аҳолӣ бо маҳсулоти босифати хӯроквори таъмин карда мешавад, даромадҳои иловагии ӯ меафзояд.

**– Дар қарор аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо кардани вомҳо барои хариди тухмӣ, ниҳолҳо, нуриҳо, воситаҳои кимиёвӣ, маводи зарурии гармхонаҳо ва гармкунии онҳо низ пешбинӣ шудаанд. Дар ин мавриди талабот ба шартҳои ҷудо кардани маблағҳои вомӣ чӣ гунаанд?**

– Барои бо воситаҳои коркард таъмин сохтани хоҷагиҳои гармхонавӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба муҳлати як сол, аз ҷумла даври шашмоҳаи имтиёзнок вомҳо ҷудо карда мешаванд. Ин вомҳо мувофиқи тартибе, ки дар қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 6 октябри соли 2022-юм муқаррар гардидааст, ҷудо карда хоҳанд шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Фикри депутат

## ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ БА МАНФИАТИ ИНСОН ХИДМАТ МЕКУНАНД

***Алҳол дар тамоми соҳаҳои мамлакати мо ислоҳоти куллӣ ба амал бароварда мешаванд. Ба хусус дар 5-6 соли охир дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар дигаргуниҳое рух медиҳанд, ки касро ба ҳайрат меоваранд.***

Бинобар он ки Ўзбекистон барои ба амал татбиқ сохтани марраҳои баланде, ки дар назди худ гузоштааст, бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ширкатҳои бузург ҳамкории қаринро ба роҳ мондааст, ҳоли хозир дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо суръати тез ва мустақиман пеш меравад.

Дар доираи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав, ки якҷо бо халқи кишвар коркард шуда, айни вақт бо ҷидду ҷаҳд амалӣ мешавад, дар тамоми соҳаҳо ислоҳоти ҷиддӣ татбиқ мегарданд. Барои дар тӯли солҳои 2022-2026 муваффақ шудан ба пешрафти инклюзивӣ ва суботи иқтисодӣ, инкишоф додани капитали инсонӣ ва ҳадди ақалл 2 баробар кам кардани нодорӣ корҳои азиме ба сомон мерасанд.

Ба куллан зиёд кардани нақши сектори хусусӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани соҳибкорӣ ва беҳтар сохтани муҳити рақобати солим эътибори махсус дода мешавад. Бо назардошти шароити ҳудудҳо ва хусусияту имкониятҳои онҳоро ба инобат гирифтан, ҳамчунин мунтазам кам кардани бори андоз барои тиҷорат ва бинобар бо захираҳои молиявӣ таъмин кардани онҳо корҳои мунтазам ба амал бароварда мешаванд.

Он чиз хурсандиовар аст, ки ба мақсади беҳтар намудани сифати ҳаёти аҳолӣ ва шароити зисту зиндагии вай дар доираи барномаҳои «Обод қишлоқ», «Обод маҳалла» ва «Буҷаи ташаббуснок» таъминоти оби ошомиданӣ, нируи барқ ва беҳсозии ҳолати роҳҳои дохилӣ, ки барои аҳолӣ хеле зарур мебошанд, корҳои мунтазам татбиқ шуданд. Туфайли бунёд гардидани муассисаҳои таълимию тиббӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ дар тарз ва дараҷаи ҳаёти аҳолӣ дигаргуниҳои назарраси мусбат амалат гардиданд.

Бо низоми ҳифзи нишонадори иҷтимоӣ пурра фаро гирифтани табақаҳои нодор ва эҳтиёҷманди аҳолӣ, онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ намудан, беҳтар кардани сифати таълими касбӣ аз тариқи омӯзондани касбу ҳунарҳои замонавие, ки ба онҳо дар бозори меҳнат талаб зиёд аст, аҳолӣ, пеш аз ҳама ҷавонон ва занону духтаронро ба соҳибкорӣ ҷалб кардан ва бо манбаи даромади кафолатнок таъмин сохтани онҳо низ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шуданд.

Агар гӯем, ки ба ҳамаи ин комёбиҳои солҳои охир таҳти роҳбарии Президенти мамлакат муваффақ мегардем, хато намекунем. Барои таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, озодкунии иқтисодиёт, дар мамлакат беш аз пеш беҳтар намудани муҳити тиҷорат, дастгирӣ кардани соҳибкорони хориҷӣ ва маҳаллӣ ислоҳоти куллӣ амалӣ мешаванд, дар низоми бонк дигаргуниҳои ҷиддӣ татбиқ мегарданд.

Зеро дар асоси ислоҳоти иқтисодӣ гузошта шудани манфиатҳои инсон, ислоҳсозии иқтисодиёт ва озодкунии ҷамъият, ки бинобар онҳо саъю кӯшиши мунтазам идома доранд, боиси дар ҷомеаи ҷаҳон зиёд гардидани эътибор ба Ўзбекистони Нав, эътимод ба нирӯ ва имкониятҳои мамлакати мо торафт меафзояд.

Чунончи, Ўзбекистон барои гузаштан ба иқтисодиёти «сабз», истифода аз манбаъҳои энергияи коркардшуда ба натиҷаҳои хуб ноил мегардад, ба ин ҷараён сектори хусусӣ низ фаъолона ҷалб карда мешавад, инро ҳамҷамъияти байналхалқӣ эътироф менамояд. Дар асоси натиҷаҳои мазкур бошад, иқдоми дурандешонаи роҳбари давлати мо ва татбиқ шудани сиёсати одилона таҷассум меёбад.

3-4 ноябри соли равон дар шаҳри куҳан ва бемисли Самарқанд таҳти мавзӯи «Ба мазмуни асосии ислоҳоти иқтисодӣ табдил додани манфиатҳои инсон» баргузор шудани Анҷумани II-и байналхалқии иқтисодии Ўзбекистон ва дар он ҷамъ омадани иштирокдорони зиёд низ дорои аҳамияти баланд мебошанд.

Анҷуман дар беш аз даҳ сессия кори худро давом дод, дар онҳо бобати ислоҳоти иқтисодие, ки дар пояи Стратегияи рушди Ўзбекистон амалӣ мешаванд, муҳити мусоиди сармоявӣ, сиёсати иҷтимоӣ, табодули фикр ба амал омад. Ҳамчунин лоиҳаҳое, ки Ўзбекистон ва идораҳои байналхалқии ноҳиявӣ якҷо амалӣ менамоянд, истиқболи ҳамкориҳои минбаъда баррасӣ шуданд.

Ба ин масъала бахшида шудани мавзӯи асосии мулоқоти анҷумани имсола низ бесабаб нест. Зеро вобаста ба идома ёфтани оқибатҳои мураккаби пандемия ва инқирози ҷаҳонии иқтисодӣ, ноорoмӣ ва зиддиятҳои гуногун таъминоти бехатарии хӯрокворӣ ва энергетика беш аз пеш муҳим мегардад.

Пӯшида нест, ки шароити мураккаби имрӯзаи ҷаҳон ва мушкилоти вазъияти мавҷударо метавон танҳо бо ҳамкориву ҳамфикрӣ ҳаллу фасл намуд. Анҷумани мазкур воқеан барои муайян кардани чунин чораву тадбирҳо бо сохторҳои байналхалқӣ ва ҳамкорҳоямон соҳати мусоид гардид.

Дар анҷуман намояндагони созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла, вакилон аз Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Бонки инфрасохтор ва сармояҳои Осиё, ҳамчунин сармоягузорони босалоҳият ширкат ҷустанд, ки ба самарабахштар гардидани кори он мусоидат намуд. Агар дақиқтар гӯем, иштирокдорони анҷумани мазкур бобати ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳои нав ба имзои мувофиқаҳои барои тарафайн муфид муваффақ шуданд, анҷуман барои беш аз пеш васеъ гардидани алоқаҳои шарикӣ саҳми муносиб гузошт. Дар доираи анҷуман 62 муоҳида ба маблағи 3 миллион доллар ба имзо расид.

Хулоса, ин анҷумани бонуфуз бо иштироки созмонҳои байналхалқӣ, ширкатҳои номдори хориҷӣ ва коршиносони шинохта баҳри баррасӣ кардани таҷрибаҳои пешқадами соҳа ва кор карда баромадани нақшаи ҳаракатҳои умумӣ имконияти мусоид фароҳам овард. Зеро метавон танҳо аз тариқи ислоҳоти самарабахши иқтисодӣ мушкилоти мавҷудаи иҷтимоиро ҳаллу фасл кард, ба аҳолӣ шароити хуби ҳаётро фароҳам овард.

**Ботирбек ТӮРАЗОДА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ТАЪСИС ДОДАНИ НИШОНИ ХОТИРАВИИ «ЎЗБЕКИСТОН КОНСТИТУЦИЯСИНИНГ 30 ЙИЛЛИГИ»

Конститутсияси Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳамчун зуҳуроти равшани шуури сиёсиву ҳуқуқии халқамон барои бунёди давлати демократӣ ва ҷамъияти пурзӯри шаҳрвандӣ, таъмини ҳаёти озоду ободи аҳолӣ, баланд бардоштани нуфузи давлатамон дар арсаи байналмилалӣ, инчунин **татбиқи бомуваффақияти ислоҳот дар тамоми соҳаҳо таҳкурсии мустаҳкам шуда хидмат мекунад**.

Дар марҳалаи нави рушди кишвар мувофиқи талаботи имрӯза ва муҳимтар аз ҳама, дар асоси **ирода ва андешаи шаҳрвандони мо,** инчунин, тамоюли **«Инсон – ҷомеа – давлат»**, ки мақсади асосии ислоҳоти дар кишвар татбиқшаванда ба ҳисоб меравад, то ки Қонуни асосии мо, кафолати боэътимоди ҳаёти осоишта ва фаровони халқ, Конститутсияи воқеан мардумӣ гардад, пайваста корҳо амалӣ гардонда мешаванд.

**Ба муносибати 30-солагии** қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин бо мақсади сарфароз гардонидани **ҳамватаноне**, ки дар таҳкими истиқлолияти кишварамон, афзун намудани неруи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, маънавӣ, иқтидори мудофиавии он **саҳми арзанда мегузоранд:**

1.**Нишони хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги»** таъсис дода шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки:

бо нишони хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» **намояндагони тамоми соҳаҳо, собиқадорони меҳнат, хидматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,** инчунин шахсони дигаре, ки дар таҳкими истиқлолияти кишварамон, афзун намудани иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмию маънавӣ, неруи мудофиавӣ, таъмини дахлнопазирии сарҳадҳои давлати мо, ҳифзи сулҳу субот, дӯстӣ ва ваҳдати байни миллатҳо, амиқ гардондани ислоҳоти демократӣ дар Ўзбекистони Нав, бунёди ҷомеаи одилонаи шаҳрвандӣ, ки дар он ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи инсон арзиши олӣ ба ҳисоб меравад, ба таври васеъ тарғиб намудани нақш ва аҳамияти Қонуни асосӣ дар ҳаёти мо, тарбия намудани насли наврас дар рӯҳи эҳтиром ба қонун, муҳаббат ва садоқат ба Ватан **саҳми арзанда гузоштаанд**, сарфароз гардонда мешаванд.

бо нишони хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» **шахсоне, ки шаҳрвандони** Ҷумҳурии Ўзбекистон **намебошанд**, метавонанд мукофотонида шаванд.

3. **Низом ва тавсифи** нишони хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» мутобиқи замимаҳои №№ 1 ва 2 тасдиқ карда шавад.

4. Девони Вазирон (А. Арипов) **дар муҳлати як моҳ:**

ба тариқи муқарраргардида тайёр кардани нишонҳои хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» ва гувоҳномаҳо ба онҳоро таъмин намояд;

корро оид ба ҷамъ кардан ва умумигардонии пешниҳодҳо оид ба номзадҳо ба мукофотонидан бо нишони хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» ташкил намояд;

5. Роҳбарони вазоратҳо, идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар мақомоти ҷумҳуриявӣ, раиси Шӯрои Ҷоқарғи Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд дар маҳалҳо супурдани нишонҳои хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги»-ро дар вазъияти ботантана дар чорабиниҳо бахшида ба рӯзи қабули Конститутсия ташкил намоянд.

6. Мукаррар карда шавад, ки хароҷоти тайёр кардани нишонҳои хотирваии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» ва гувоҳномаҳо ба онҳо **аз ҳисоби маблағи фонди захиравии Девони Вазирон** пӯшонда мешаванд.

Вазорати молия (Т. Ишметов) аз фонди захиравии Девони Вазирон ҷудо кардани маблағи заруриро барои хароҷоти вобаста ба чорабиниҳои дар ҳамин пункт пешбинишуда таъмин намояд.

7. Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ якҷо бо Агентии миллии ахбори Ўзбекистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон **корро** оиди дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаҳои Интернет ва иҷтимоӣ **васеъ равшан намудани** чорабиниҳо бахшида ба сарфароз гардондан бо нишони хотиравии «Ўзбекистон Конституциясининг 30 йиллиги» ташкил намоянд.

8. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи роҳбари Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон С.У. Умурзоқов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*8 ноябри соли 2022.*

Замимаи №1
ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
аз 8 ноябри соли 2022 № ФП-243

### НИЗОМИ

#### нишони хотиравии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги»

1. Бо нишони хотаривии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги» намояндагони тамоми соҳаҳо, собиқадорони меҳнат, хидматчиёни ҳарбӣ ва ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин шахсони дигаре, ки ба мустаҳкамсозии истиқлолияти мамлакатамон, баланд бардоштани зарфияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, маънавӣ, иқтидори мудофиавӣ, таъмини дахлнопазирии сарҳадоти давлатӣ, ҳифзи сулҳ ва субот, дӯстӣ ва мусолиҳаи байни миллатҳо, амиқсозии ислоҳотӣ демократӣ дар Ўзбекистони Нав, сохтмони ҷамъияти адолатноки шаҳрвандӣ, ки дар он ҳуқуқ, озодӣ, шараф ва қадри инсон арзиши олӣ ба шумор меравад, тарғиби васеъи нақш ва аҳамияти Қонуни Асосӣ дар ҳаётамон, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳи эҳтиром ба қонун, муҳаббат ва садоқат ба Ватан саҳми муносиб гузоштаанд, тақдир карда мешаванд.

2. Бо нишони хотиравии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги» шахсоне низ тақдир гардонда мешаванд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон намебошанд.

3. Нишони хотиравии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги» дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон супурда мешавад ва ё аз номи ӯ онро Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон, роҳбарони вазоратҳо, идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар мақомоти ҷумҳурӣ, раиси Ҷокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, дигар шахсоне, ки соҳиби чунин ваколатанд, месупоранд.

Якҷоя бо нишони хотиравӣ ба тақдиршудагон гувоҳномаи он низ супурда мешавад.

4. Нишони хотиравии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги» дар тарафи чапи қафаси сина пас аз мукофотои давлатӣ овехта мешавад.

Иловаи №2
ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
аз 8 ноябри соли 2022 №ФП-243

### ТАСВИРИ

#### нишони хотиравии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги»

Нишони хотиравии «Ўзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги» аз гудохтаи мис, ки бо зарҳали тиллоии ғафсиаш 0,25 микрон оро дода шудааст, тайёр карда мешавад ва шакли доираи деаметраш 34 миллиметрро дорад.

Ғафсии нишони хотиравӣ – 2,2 миллиметр, ҳошияҳояш аз ҷониби чап ва ақиби нишон ба таври барҷаста насб гаштааст.

Дар рӯйи нишони хотиравӣ, дар марказаш, дар партави манзараи миллӣ тарозу, ки рамзи адолат ва қонунмандӣ мебошад ва инчунин китоби кушода – Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон тасвир ёфтааст. Дар қисми дохилии китоб дар ду сатр навиштаҷоти: «№30» ва «YILLIGI» ҷой гирифта, баландии ҳарфҳо мувофиқан 8,6 ва 2,5 миллиметрро ташкил менамоянд.

Дар ақиби китоб дарвозаҳои нақшин, ки бо манзараҳои миллӣ ороиш ёфта, тасвир ёфтааст, ки рамзи истиқлолияти давлатамон ва дахлнопазирии сарҳадамон мебошад.

Атрофи нишони хотиравӣ ороиши миллӣ дошта, дар қисми болоии он навиштаҷоти «O ZBEKISTON», дар қисми поёнӣ — «KONSTITUTSIYASINING» ҷой гирифтааст. Навиштаҷот ва тасвирҳо тиллоӣ мебошанд. Баландии ҳарфҳо 1,8 миллиметранд.




Дар ақиби нишони хотиравӣ Герби давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон тасвир ёфтааст.

Нишони хотиравӣ бо гушак ва ҳалқа бо ёрии колодкаи баробаркунҷ, ки бо лентаи шоҳии ранги Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон оро ёфтааст, пайваст мегардад. Баландии колодка – 16 миллиметр, бараш – 25 миллиметр.

Дар ақиби колодка василае дар намуди сӯзанак барои часпондани нишони хотиравӣ ба либос вуҷуд дорад.

# АЗ ХОҶАГИҲОИ ГАРМХОНАВӢ ТО 1 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 БАРОИ САРИВАҚТ НАПАРДОХТАНИ ГАЗИ ТАБИӢ МУЗДИ ИЛОВАГӢ СИТОНДА НАМЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Яъне вомҳо барои парвариши зироати кишоварзӣ дар ҳаҷми то 150 миллион сӯм бидуни қарз ҷудо мегарданд. Пардохти фоизӣ бинобар вомҳо дар ҳаҷми 14 фоизи солона, вомҳо ба муҳлати 12 моҳ бо давраи имтиёзноки то шашмоҳа ҷудо карда мешаванд. Як қисми то 50 фоиз аз миқдори ҷудокардашудаи маблағҳои вомӣ мувофиқи дархости қарзҳо нақд пешниҳод карда мешавад. Маблағи Бунёди рушди боғдорӣ ва хоҷагии гармхонавӣ ба сифати таъминоти гаравгон бинобар вомҳои ҷудошуда қабул карда мешавад.

Вомҳои бонкӣ дар асъори хориҷӣ аз ҳисоби маблағҳои Оҷонсии пешбурди содирот барои воситаҳои муомилот, ки барои парвариши маҳсулоти содиротӣ дар хоҷагиҳои гармхонавӣ заруранд, бинобар миқдори 4 фоизи солона ҷудо карда мешавад. Дар ин маврид ба сифати таъминоти вомӣ полисҳои суғуртавии ширкати суғуртавии «Ўзбекинвест» қабул карда мешавад, 75 фоизи хароҷот барои мукофоти суғуртавӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои Оҷонсии пешбурди содирот сарпур карда хоҳад шуд, қабул карда мешаванд.

**– Вазифаҳо бобати бо тухмӣ, ниҳолҳо, нуриҳои минералӣ ва дигар захираҳои моддӣ таъмин кардани хоҷагиҳои гармхонавӣ ва баргузор намудани чорабиниҳо барои аз онҳо харидани маҳсулоти парваришшуда мушаххас гардиданд. Ба ин муносибат аз ҷониби Оҷонсии оид ба рушди боғдорӣ ва хоҷагиҳои гармхонавӣ чӣ гуна корҳо ба нақша гирифта шудаанд?**

– Механизми нави парвариши маҳсулот дар хоҷагиҳои гармхонавӣ ба бозорҳои дохиливу хориҷӣ фиристодани маҳсулоти тайёр ҷорӣ карда шуд, ки мувофиқи он Оҷонсии оид ба рушди боғдорӣ ва хоҷагии гармхонавӣ бобати ба хоҷагиҳои гармхонавӣ расонда додани тухмиҳо, ниҳолҳо, нуриҳои минералӣ ва маводи дигар, аз онҳо харидани маҳсулоти расондашуда чораҳо меандешад.

Дар ин маврид талаботе, ки пеш аз мавсими кишт ба хоҷагиҳои гармхонавии дар ҷумҳурии мо амалкунанда пешниҳод шудаанд, омӯхта хоҳад шуд. Дар асоси ин Оҷонсӣ рӯйхати захираҳои моддӣ бинобар хелҳои тухмӣ, ниҳолҳо, нуриҳои менералиро ташаккул медиҳад, хариди маҳсулотеро, ки дар гармхонаҳо мувофиқи нархҳои шартномавӣ парвариш карда шудаанд, ба роҳ мемонад. Якҷо бо Оҷонсии пешбурди содирот ба содироти маҳсулоти дар гармхонаҳо парваришшуда ва ҷустуҷӯйи бозори фурӯши онҳо кумаки амалӣ мерасонад.

Бояд эътироф кард, ки чунин низом, бешубҳа, барои фермерони мо қулаиҳои бузург фароҳам меоварад. Ғайр аз ин, он ба таъминоти муттасили бозори дохилӣ бо маҳсулот, зиёд шудани ҳаҷми содирот мусоидат мекунад.

Боз як масъалаи муҳиме, ки дар қарори Президент зикр ёфтааст, он аст, ки Оҷонсии оид ба рушди боғдорӣ ва хоҷагии гармхонавӣ ба гармхонаҳо тухмӣ, ниҳолҳо, нуриҳои минералӣ ва маводи дигарро расонда медиҳад, маҳсулотро мехарад ва ба содирот мебароварад, Оҷонсии оид ба карантин ва муҳофизати рустаниҳо бобати парвариши ниҳолҳо кумак мерасонад. Механизми мазкур ба ҳифзи маҳсулот аз зараррасонҳо ва нигоҳ доштани сифати онҳо ба дараҷаи зарурӣ, ки дар гармхонаҳо парвариш шудаанд, хидмат мекунад. Ғайр аз ин он барои муваффақ шудан ба натиҷаи пешбинигардида аҳамияти муҳим дорад.

Мусоҳиб
**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

---

*Дар Тошканд бо ибтикори Сохтори минтақавии зиддитеррори СҲШ конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ зери унвони «Амнияти муосир: таҳдидҳо ва роҳҳои ҳали он» сурат гирифт.*

# ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ – ТАҲДИДИ ҶИДДӢ

Дар он Дабири кулли СҲШ Чан Мин (онлайн) баромад кард. Вай гуфт, ки ба далели пахши пандемия конфронси байналмилалии солонаи илмӣ-амалии Сохтори минтақавии зиддитерроризми СҲШ чанд муддат ба таъвиқ афтод. Аммо ҳоло Ўзбекистон мусоидат намудааст, ки ин конфронс ҷаласаи солонаи худро дар шаҳри Тошканд доир намояд.

– Дар замони муосир таъмини амният аз масъалаҳои муҳим ва умда маҳсуб мешавад. Дар ин замина муборизаи муштарак бо терроризм ва ифротгароӣ барои барқарории вазъияти сартосарӣ ва таъмини амният нақши муҳим хоҳад бозид. Дар конфронсе, ки ҳоло баргузор шудааст, маҳз ҳамин масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли он аз роҳи муколома ва гуфтугӯҳои ошкоро баррасӣ хоҳад шуд, – изҳор намуд Чан Мин.

– Як қатор таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавиро наметавон нодида гирифт, ки амнияти кишварҳои узви ИДМ ва СҲШ-ро низ ба хатар мувоҷеҳ менамоянд. Ин таҳдидҳои ҳастаӣ, экологӣ, техногенӣ, биологӣ, муҳоҷиратӣ ва амсоли он мебошанд. Барои ҳамин вазъият дар кул нигаронкунанда боқӣ мондааст, – иброз дошт роҳбари Маркази зиддитеррори ИДМ Евгений Сисоев.

Вай доир ба вазъияти Афғонистон таваққуф намуд, ки ҳанӯз дар он амну субот барқарор нашудааст. Ба гуфтаи ӯ дар ин кишвар боқимондаҳои террористону тундравони исломӣ маскан гузидаанд. Барои ҳамин идора кардани саросари Афғонистон ба ҳукумати Толибон муяссар намешавад. Вай таъкид варзид, ки ҳатто дар ҳукумати Толибон ашхосе мавҷуданд, ки ба неруҳои радикалӣ мансубанд ва мақомҳои баландро дар идораҳои давлатӣ соҳиб мебошанд.

– Омилҳои асосие, ки ба амнияти кишвари мо дар фазои иттилоотӣ таҳдид мекунанд, ҷалбу ҷазб ва ташвиқоту таблиғоти аъзои гурӯҳҳои байналмилалии террористӣ ва ифротгароӣ мебошанд. Инҳо ба созмони ифротгароӣ-террористии Ҳизби наҳзати исломӣ ва “Гурӯҳи 24” мутааллиқанд, ки дар фазои СҲШ низ фаъолияти онҳо ҳамчун созмонҳои террористӣ ва ифротӣ эътироф гардиданд, – гуфт ноиби раиси Кумитаи амнияти давлатии Тоҷикистон Нусратулло Мирзозода.

Вай афзуд, ки захираҳои интернетии чунин гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро дар хориҷа хеле афзоиш меёбад. Танҳо гурӯҳи террористӣ-ифротгарои Ҳизби наҳзати исломӣ 40 шабакаи иттилоотӣ, роёнаҳо, аккаунтҳо ва амсоли онро дар ихтиёри худ дорад.

Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар ду иҷлосия масъалаҳои марбут ба амнияти минтақавӣ ва мубориза алайҳи терроризм ва тундгароиро баррасӣ хоҳад кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

---



*Бо ташаббуси Презмиденти кишвар ҳамаи вилоятҳои Ўзбекистон ба ноҳияҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон вобаста карда шудаанд. Аз ҷумла, вилояти Сирдарё, бино ба таҷрибаи худ, ба ноҳияи Қанликӯл кумак мерасонад.*

*Ба мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар тӯли солҳои 2022-2024, беҳбуди шароити зиндагии аҳолӣ вилоят лоиҳаеро, ки 549,5 миллиард сӯм арзиш дорад, кор карда баромадааст. Бино ба лоиҳа ба вуҷуд овардани қариб 2 ҳазор ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст.*

*Дар доираи ин ташаббусҳо бо кумаки фаъолони сирдарёӣ дар ноҳия корҳои кандани ҷӯю дренажҳо ба дарозии 358 километр ба анҷом расида, оиди барқарор ва ба истифода додани 9700 гектар замин чораҳо андешида шуданд. Ҳамчунин, 5 ҳазор гектар замини кишт шудгор карда шуд, парвариши полизиҳо роҳандозӣ гардиданд. Барои обёрии заминҳои наздиҳавлӣ дар маҳаллаҳои «Маданият», «Наврӯз» ва «Дӯстлик» насосҳои баландиқтидор шинонда шуданд.*

***Аксбардор: Шаҳриёр ОРТИҚБОЕВ (ЎзА).***

---

*Моҳонаи мубориза алайҳи коррупсия*

# КОРРУПСИЯ РОҲ – СӮЙИ ҲАЛОКАТ

***Дар вазъияте, ки арзишҳои демократӣ дар ҷамъият ҷойгоҳи худро пайдо мекунанд, ҷиноятҳое мисли порахӯрӣ, сӯиистифода аз мансаб, ба мақсади сарват ҷамъ кардан даст ба дасти ҳам додани мансабдорон сабаби беобрӯ гардидани ҳокимият, суст шудани пояҳои сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва эътирози мардум ба ҳокимияти дарамалбуда мегардад. Доман паҳн кардани коррупсия дар ин ё он мамлакат ба таназзули давлат замина мегузорад.***

Бояд гуфт, ки ин ҳодисаи номатлуб дар ҳамаи кишварҳо, сарфи назар аз калонию хурдиашон, ба назар мерасад. Ҳарчанд барои решакан кардани ин иллат аз ҷониби аҳли ҷомеаи ҷаҳон чораҳо андешида мешаванд, вале ин иллат “зиндагиаш”-ро давом медиҳад.

Коррупсия як навъи ҷиноятест, ки дар ин ҳолат мансабдор аз мансабаш ба мақсадҳои шахсӣ сӯиистифода мекунад. Фаъолияти иқтисодии хуфиёна низ ба коррупсия дохил мешавад. Дар ин ҳолат мансабдорон даст ба дасти ҳам дода, бар хилофи қонун, бо роҳи назарфиребӣ бойигарӣ ҷамъ мекунанд, як қисми маблағи аз кисаи буҷет баромадаро ба кисаи худ меандозанд.

Ба амал татбиқ намудани назорати пурзӯри ҷамъиятӣ аз болои мақомоти ҳокимияти давлатӣ яке аз шартҳои муҳимтарини барпо намудани ҷамъияти шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Агар шаҳрвандон ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ бефарқ набошанд, мансабдорон амиқ ҳис кунанд, ки кору фаъолияти онҳо зери назорат аст, пояҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ устувор мегардад.

Ба қавли роҳбари давлатамон, мо функсияи назорати давлатиро ҳар қадар пурзӯр, мақомот ва сохтори назоратиро ҳар қадар зиёд кунем, каҷравию зӯроварии амалдорон ва коррупсия ба он андоза авҷ мегирад. Биноан, мо бояд назорати ҷамъиятиро ҳам аз болои фаъолияти давлатӣ ва ҳам аз болои фаъолияти сохтори қудратии он пурзӯр намоем.

Умуман, муроҷиати институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ пеш аз қабул кардани қарорҳои муайян, ба амал татбиқ намудани пурсишномаҳо аз рӯйи масъалаҳое, ки ба ваколати ҳокимияти давлатӣ дохил мешавад, шунидани ҳисоботи роҳбарони корхонаву ташкилотҳое, ки дар ҳудуди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллаҳо фаъолият доранд, самара дода истодаанд.

Имрӯз дар мамлакатамон ба мақсади пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, барҳам додани ҳолатҳои коррупсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои сохтори давлатию ҷамъиятӣ ислоҳоти васеъмиқёс ба амал татбиқ карда мешаванд.

Аз ҷумла, дар соҳаи таъминоти нафақа низ дар роҳи мубориза бар зидди коррупсия чораҳо андешида мешаванд. Бояд таъкид кард, ки солҳои охир дар ин соҳа чанд ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуд. Роҳбари давлатамон ба масъалаи коррупсия эътибори алоҳида медиҳад. Бояд эътироф намоем, ки пешниҳоди ӯ – “эмкунии ҷамъият бо ваксинаи ҳалолӣ” қобили қабул аст.

Ба мақсади дастгирии ташаббуси роҳбари мамлакат оиди мубориза бар зидди коррупсия дар сохтори Бунёди нафақаи ғайрибуҷавии назди Вазорати молия барои ҷоннок кардани ин ҳаракат, яъне мубориза бар зидди коррупсия, чораҳои маҷмӯӣ ба амал татбиқ карда мешаванд. Тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таъин кардани нафақаи давлатӣ ба шаҳрвандон, ташкили маблағгузорӣ ва пардохтҳо, ҷорӣ кардани мониторинг бино ба татбиқи дурусти пардохт аз вазифаҳои асосии Бунёди нафақа ба шумор меравад. Дар роҳи татбиқи ин вазифаҳо мо бояд ба коррупсия роҳ надиҳем. Ба ин мақсад дар сохтори Бунёди нафақаи ғайрибуҷавии назди Вазорати молия аз 20 октябр то 20 ноябри соли равон “Моҳонаи мубориза бар зидди коррупсия” эълон карда шуд. Дар ин ҷараён ходимони сохтор бо ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ такрор шинос шуданд, бандҳои он шарҳ дода шуд. Дар ин кор тартиб додани саволҳои озмоишӣ низ кумак кард. Дар назар дошта шудааст, ки якҷо бо шуъбаҳои ҳифзи ҳуқуқи ноҳияҳо ва ходимони дин семинар-тренингҳо ташкил дода мешаванд. Ҳамчунин, аз ҷониби идораҳои ҳудудӣ дар Бунёди нафақаи ҳамаи ноҳияҳо ташкили чорабинии “Муроҷиати асроромез” дар назар аст.

Бо вуҷуди гузарондани чорабиниҳои зарурӣ дар бахши мубориза бар зидди коррупсия, дар соли равон низ дар соҳа ҳодисаҳои нохуш рӯй доданд. Ҳаёт тақозо менамояд, ки мо барои бартараф намудани ин ҳолати нохуш, ки давлат ва ҷамъиятро ба ҷарии ҳалокат мебарад, муборизаро бар зидди коррупсия пурзӯр намоем. Ба ҳар як ходим фаҳмонем, ки пеш аз ба коррупсия даст задан, падару модар ва зану фарзандашро пеши назар орад.

**М. МУРОДОВА,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, роҳбари Бунёди нафақаи ғайрибуҷавии назди Вазорати молияи ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд.**

---

## ХАБАРҲО

### БАРТАРИЯТҲОИ КОДЕКСИ НАВИ МЕҲНАТ

***Таҳрири нави Кодекси меҳнат тасдиқи худ дарёфт, ки он аз таҳрири аввала (с.1995) бо як қатор ҷиҳатҳои худ фарқ менамояд.***

Дар таҳрири нав, минҷумла, манъ шудани меҳнати маҷбурӣ,ба роҳ нагузоштани бадшавии ҳолати ҳуқуқии ходим ба сифати яке аз принсипҳои муҳим муайян карда шудааст.

Акнун доири ба шуғл фаро гирифтани аҳолии эҳтиёҷманд давлат як қатор кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд.

Кодекси мазкур ҳанӯз моҳи марти соли 2022 аз ҷониби Сенат тасдиқ гардида буд.

Мувофиқи Кодекси амалкунанда кӯтоҳтарин давомнокии таътили меҳнатӣ 15 рӯзи корӣ муқаррар шуда бошад, мувофиқи таҳрири нав давомнокии ин гуна таътил 21 рӯзи тақвимии корӣ муайян гардидааст. Агар рӯзҳои ид ба шанбе ё якшанбе рост ояд, рӯзи аввали ҳафтаи корӣ – душанбе ба таври расмӣ рӯзи истироҳат эълон мешавад. Таҳрири аввала 294 моддаро фаро мегирифт, таҳрири нав аз 581 модда ва 34 боб таркиб ёфта, дар он ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокдорони бозори меҳнат пурратар инъикос ёфтааст.

Қонун “Дар бораи тасдиқи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Ўзбекистон”, ки аз ҷониби Президенти мамлакат ба имзо расид,баъди шаш моҳи рӯзи эълоншавӣ эътибор пайдо мекунад.

### ЭҲТИЁҶМАНДОН МАВРИДИ ЭЪТИБОР

***Омӯхтан ва ҳаллу фасл намудани мушкилоти аҳолӣ, кор бо муроҷиатҳо,хусусан, қонеъ сохтани талаботи ҷавонон ва бонувон бо шуғлу фарогирии таълим торафт мазмуни тоза пайдо мекунад. Дар ин кор ёрдамчиёни ҳоким дар маҳаллаҳо фаъолнокӣ зоҳир менамоянд.***

Дар ҷамъомади шаҳрвандони маҳаллаи Авайхон воқеъ дар ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт, бештар аз ёздаҳ ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат менамояд. Наздики се ҳазор оилаҳои ба миллатҳои гуногун мансубро то ҳадди имкон маҳалла муттаҳид менамояд.

– 171 нафар бонувони маҳаллаамон,ки дар “Дафтари занон” номнависанд, ҳамеша мавриди ғамхорианд, – мегӯяд ёрдамчии ҳоким Музаффар Норбоев. – Баҳри шуғли дилхоҳ пайдо кардани 21 нафар ва ҷудо намудани субсид ба 7 субъекти хурди соҳибкорӣ, солимии худро барқарорсозии 45 нафар шаҳрвандони эҳтиёҷманд, таъмини 7 нафар беморони синни нафақа ва шароити оилавиашон душвор бо ордер, дар маҳаллаамон сохтаву ба истифодасупории фотостудия, сартарошхона ва навъҳои гуногуни хидматрасонӣ аз наздик кӯмак намудем.

Имсол аз 170 нафар синфи ёздаҳумро хатмкарда 78-тояшон ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуданд. Бо кӯмаки ёрдамчии ҳоким 21 нафари онҳо ба шуғл таъмин гашт.

### КОРРУПСИЯ – КУШАНДАИ ТАРАҚҚИЁТ

***Дар сохтори Бунёди пенсияҳои берун аз буҷаи назди Девони Вазирон аз 20 октябр то 20 ноябри соли равон баргузории Моҳонаи мубориза алайҳи коррупсия ва кор бо муроҷиатҳо ба нақша даромада буд. Ба ин муносибат аз ҷониби идораи зикршуда чорабинӣ баргузор гашт.***

Таъкид гардид, ки коррупсия иллати ҷамъиятӣ буда, кушандаи тараққиёт ва пешравист. Ҳар гуна мамлакате, ки ба ин “беморӣ” дучор шудааст, завол хоҳад ёфт. Дар мамлакати мо баҳри фош сохтани ҳолатҳои номатлуб вобаста ба тамаъгарию порахӯрӣ корҳои муҳим пеш бурда шуда ва онҳое,ки бори каҷро ба манзил расондан хостаанд, ҷазои муносиб мегиранд.

Хусусан калонсолонамон дар масъалаи таъминоти нафақа набояд ба оворагӣ дучор оянд ва вақте тамаъгарӣ ҳис карданд, бояд дарҳол ба телефони боварӣ сим зананд, гуфта шуд дар гирдиҳамоӣ.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

---

***Нашрияи “Finance Inquirer” бо истинод ба натиҷаҳои таҳқиқоти байналмилалии RGCA (Гурӯҳи тадқиқотии Осиёи Марказӣ), маълумоти ЮНИСЕФ, Бонки ҷаҳонӣ ва OECD (Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд) рейтинги динамикаи ҷалби кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабиро нашр кардааст. Дар радифи 10 кишвари ҷаҳон Ўзбекистон бо 59 дарсади ҷалби кӯдакон дар ҷои аввал, Тоҷикистон бо 33 дарсади ҷалби кӯдакон ҷои дувумро ишғол мекунанд. Ҷои даҳумро Озарбойҷон ишғол кардааст.***

| # | Мамлакат | 2018 / 2019 | 2019 / 2020 | 2018 / 2020 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ўзбекистон | 46 % | 9 % | 59 % |
| 2 | Тожикистон | 33 % | 0 % | 33 % |
| 3 | Беларус | 5 % | 2 % | 7 % |
| 4 | Финляндия | 3 % | 4 % | 7 % |
| 5 | Қозоғистон | 4 % | 0 % | 4 % |
| 6 | Литва | 2 % | 2 % | 4 % |
| 7 | Туркия | 1 % | 3 % | 4 % |
| 8 | Швейцария | 0 % | 2 % | 2 % |
| 9 | Полша | 3 % | -1 % | 2 % |
| 10 | Озарбайжон | 7 % | -5 % | 1 % |
| 15 | Россия Федерацияси | 0 % | 0 % | 0 % |
| 42 | Буюк Британия | 0 % | -28 % | -28 % |
| 43 | АҚШ | 0 % | -35 % | -35 % |
| 44 | Австралия | -3 % | -34 % | -36 % |
| 45 | Янги Зеландия | -5 % | -34 % | -37 % |
| 46 | Ирландия | 0 % | -39 % | -39 % |

# ЎЗБЕКИСТОН АЗ РӮИ ҶАЛБИ КӮДАКОН БА КӮДАКИСТОНҲО ДАР ҶОИ АВВАЛ ҚАРОР ДОРАД

Гуфта мешавад, ки дар ин ҳисобот тамоюлҳои дарозмуддати таҳсилоти ибтидоии кӯдакон дар солҳои 2018-2020 шарҳу тафсир шудааст. Тибқи маълумоте, ки дар ин ҳисобот оварда мешавад, вазъи таълиму тарбияи томактабӣ дар аксари минтақаҳо ё рӯ ба рукуд овардааст ё ба минтақаи рушди манфӣ гузаштааст. Ин дар ҳоле мебошад, ки як қатор кишварҳо дар ҳолати рушди назаррас қарор доранд. Ба шумори чунин кишварҳо Русия, ИМА, Британияи Кабир, Австралия, Зеландияи Нав ва амсоли он дохил мешаванд.

– Беҳуда Ўзбекистон дар радифи 10 кишвари пешсаф ҷои аввалро ишғол накардааст. Дар мамлакатамон сол аз сол динамикаи афзоиши фарогирии кӯдакони аз 3 то 6-сола ба таълиму тарбияи томактабӣ меафзояд. Ҳоло ин фарогирӣ 59 фоиз нишон дода шудааст, ки то соли 2020-умро дар бар мегирад. Дар асл ҳоло Ўзбекистон ҳудуди 70 дарсади кӯдакони аз 3 то 6-соларо ба муассисаҳои таълими томактабӣ барои таълиму тарбия ҷалб намудааст. Дар шаҳри Мӯйноқи Қароқалпоқистон ин нишондиҳанда ба 100 фоиз расидааст, – гуфт котиби матбуоти Вазорати таълими томактабии ҷумҳурӣ Мавлуда Аскархӯҷаева. – Дар ҷумҳурии мо таҳти сарварии Шавкат Мирзиёев ба рушди таҳсилоти томактабӣ таваҷҷуҳи хос дода мешавад. Дарвоқеъ, аз соли 2017 бо вуҷуди паси сар намудани марҳилаи душвори карантини пандемия мо ба чунин натиҷаҳои назаррас ноил шудем. Бидуни иштибоҳ гуфта метавонам, ки мо суръати баланди динамикаи рушди ҷалби кӯдакон ба кӯдакистонҳоро аз даст нахоҳем дод ва ҳамеша дар ҷои аввал қарор хоҳем гирифт.

Бино ба нашрияи “Finance Inquirer” дар беш аз нисфи кишварҳои ин рейтинг фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ дар солҳои 2018-2020 ҷиддан рӯ ба коҳиш овардааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# ПАҲЛАВОНИ БОЙСУНӢ – ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН

**_Баъд аз соҳибистиқлол гардидани кишвар нуфузи Ӯзбекистон дар соҳаи варзиш рӯз то рӯз, зина ба зина боло меравад. Инак, боз сафи чемпионҳои ҷаҳон ба як нафар афзуд. 6-13 октябр, дар 35-умин чемпионати ҷаҳон оид ба дзюдо, ки дар Ӯзбекистон баргузор шуд, паҳлавони ҷасури бойсунӣ Музаффарбек Тӯрабоев аз рӯи вазни то 100 кг чемпиони ҷаҳон ва соҳиби медали тилло гардид._**



Ӯ 22 сола буда, ҷавонтарин дзюдочӣ дар Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Ин ғалабаи бузурги ҷавонпаҳлавон ба ҳама халқи Ӯзбекистон суруру шодӣ овард. Ӯ то ин вақт дар соҳаи варзиши намуди дзюдо ҷои 27-ро дар миқёси ҷаҳон ишғол мекард ва бо ин ғалабааш аз сафи даҳгонагон ҷой гирифт. Инчунин, бо ин ғалаба ӯ дар рейтинги ҷаҳонӣ 2000 хол ва барои иштирок дар бозиҳои Олимпӣ, ки соли 2024 дар шаҳри Париж баргузор мегардад, 1000 хол ба даст овард. Тазаккур бояд дод, ки қабл аз ин чемпионат Музаффарбек дар Бозиҳои ягонагии ислом, ки чанде пештар дар шаҳри Кунияи Туркия баргузор шуда буд, низ ширкат варзида ғалабаро ба даст оварда буд. Ин натиҷаҳои назаррас албатта, ӯро рӯҳбаланд месозанд.

– Ман ин муҳорибаро бой дода наметавонистам, зеро вақте ки дар рӯ ба рӯям президенти дзюдои Ӯзбекистон Давлат Бобонов бо умед ва боварӣ нигоҳ мекард, – гуфт ӯ дар мусоҳиба.

Ба шарафи ин ғалабаи бузурги Музаффарбек табрикот ва тантанаҳои бошукӯҳ дар ватанаш – Бойсун низ идома ёфт. 4 ноябр дар ноҳияи Бойсун тадбири идона баргузор шуд. Суруру хурсандии аҳли хонадон, аҳли Бойсунро ҳадду канор набуд. Дар он ҳокими вилоят Тӯра Боболов ширкат варзида ӯ ва падару модарашро табрик гуфт ва дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 ба чемпион омадҳо хоста, ба ӯ аспи хушзоти қорабойир армуғон кард.

Падару бобоёни Музаффарбек низ паҳлавонҳои номӣ гузаштаанд. Падараш Тоштемир Муҳаммадиев аввалин чемпиони Ӯзбекистон ва ҷаҳон оид ба гӯштии миллӣ мебошад. Музаффарбек вориси ҳақиқии падару бобоёни худ буданашро дар арсаи ҷаҳон намоён сохт.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

**_Мактаби миёнаи рақами 30-юми деҳаи дурдасти Сойихурд бо дастовардҳои худ яке аз мактабҳои намунавии ноҳияи Нурато ба шумор меравад. Дар мактабамон 98 нафар хонанда буда, 59 нафари он духтарбача ва 39 тоаш писарбачаҳо мебошанд._**

# МАКТАБИ НАМУНАВИИ ДЕҲАИ ДУРДАСТ

Дар мактаб 3 нафар мутахассисони тоифаи якум, 5 нафар тоифаи дуюм ва 3 нафар тоифаи олӣ соҳиби дониши пухта ва таҷрибаи корӣ буда, ба хонандагон сабақ медиҳанд.

Бо фахр гуфтан мумкин аст, ки ба наздикӣ дар олимпиадаи ноҳиявӣ аз фанни забони тоҷикӣ хонандаи синфи 9 Манижа Шавкарова ба ҷойи сеюм, аз фанни забони ӯзбекӣ хонандаи синфи 10 Гулфина Акрамова ба ҷойи якум, хонандаи синфи 10 Шукрона Суярқулова аз фанни таърих ва забони тоҷикӣ, хонандаи синфи 11 Шаҳзода Иброҳимова аз фанни забони ӯзбекӣ ба ҷойи якум, хонандаи синфи 11 Интизора Ҷӯраева аз фанни забони ӯзбекӣ ба ҷойи сеюм сазовор гардиданд. Инчунин, якчанд нафар хонандагони иқтидорнок дар озмуни «Ҷавонони Синтаб» иштирок намуда, истеъдодҳои худро нишон доданд.

Дар мусобиқаҳои варзишӣ, ки миёни мактабҳои ноҳия доир ба футбол баргузор гардид, писарбачаҳо ҷойи аввалро ишғол намуданд. Мактабамон дар минтақаи дурдаст ҷойгир шуда бошад ҳам, дар ин ҷо хонандагони аълохон, боиқтидор ва зукко ба камол мерасанд. Албатта, дар ин дастовардҳову муваффақиятҳо меҳнат ва хизмати шоистаи директори мактаб Т. Раҳмонов ва ҷонишини директор А. Раҳимов хеле калон аст.

Ман фахр мекунам, ки дар қатори чунин устодони ботаҷрибаву меҳрубон ба насли наврас дарс медиҳам.

**С. РАҲИМОВА,**
**муаллимаи мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато.**
_Вилояти НАВОӢ._

# ИСТЕҲСОЛИ СӮЗАНДОРУ БА РОҲ МОНДА ШУД

**Дар Кӯқанд корхонаи муштараки ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Лайф Импорт» ба кор шурӯъ кард, ки барои истеҳсоли маҳсулоти тиббӣ ихтисос шудааст. Тибқи нақшаи солона корхона 100 миллион дона сӯзандору, 30 миллион дона системаи инфузионӣ, инчунин 33,5 миллион дона ниқоб ва дастпӯшаки тиббӣ истеҳсол хоҳад кард.**



– Маблағи умумии лоиҳа 5,5 миллион доллари ИМА буда, 1 миллион доллари онро сармоягузории мустақими сармоягузорони чинӣ ташкил мекунад. Ман бо кумаки ҳокимияти вилоят 1,8 миллион доллар қарзи бонкӣ гирифтам. Барои истеҳсоли маҳсулоти моддӣ назар аз Чин мошину таҷҳизоти замонавӣ оварда насб кардем, – мегӯяд соҳибкори маҳаллӣ Аҳмадҷон Ҳайдаров.

Корхона дар ду баст кор мекунад ва зиёда аз 120 нафар ҷавонон бо кори доимӣ таъмин карда шуданд.

Бо ба кор даромадани ин корхона шумораи корхонаҳои хусусӣ, ки барои истеҳсоли таҷҳизоти дорусозӣ ва тиббӣ ихтисос дода шудаанд, дар вилояти Фарғона ба 10 адад расидааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
_Вилояти ФАРҒОНА._

# БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

**Имсол ба таъсис ёфтани факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сӣ сол пур шуд. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳанӯз солҳои шастум як шӯъбаи журналистика дар таркиби факултаи филология амал мекард.**




Соли 1992 бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ факултаи журналистика ва тарҷумонӣ арзи ҳастӣ намуд. Он дар заминаи шӯъбаи аввалаи журналистика ва гурӯҳи ихтисосии тарҷумонии факултаи филология созмон ёфтааст. Он вақт ҳамагӣ 130 нафар донишҷӯ дошт. Дар факултет «Кафедраи матбуот», «Телевизион ва радио», «Услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ», «Журналистика ва адабиёти хориҷӣ» , «Тарҷумонӣ» фаъолият мекард. Ба ғайр аз омӯзгорони худӣ боз аз радиову телевизион ва матбуот журналистони шинохта омада, ба донишҷӯён дарс мегуфтанд, таҷрибаи кории худро меомӯзонданд.

«Кафедраи матбуот»-ро гоҳо «Кафедраи Воҳид Асрорӣ» низ мегуфтанд. Зеро шодравон Воҳид Асрорӣ умре барои қомат рост кардану нуфуз пайдо намудани ин факултаи навтаъсис талош варзид ва якчанд нафар омӯзгорони ҷавонро ҷалб намуд, ки онҳо ҳам ҳастии худро бахри равнақи ин боргоҳи илму маърифат бахшидаанд.

Профессор Иброҳим Усмонов нахустин декани факултаи журналистика ва тарҷумонӣ буд. Ӯ дар як мусоҳибаи тӯлонии хеш бо рӯзноманигорон Қироншоҳ Шарифзода ва Меҳрофарин Наҷевуллоев (устоду шогирд) мегӯяд, ки: «Дар ҳамин замон (1980-1983) муаллим Асрорӣ чанд нафар ҷавон, ба мисли Пайванди Гулмуродзода, Муртазо Зайниддинов ва Аъзамҷон Азимовро аспирант гирифтанд ва ба онҳо асрори касб омӯхтанд».

– Имрӯзҳо факулта бо вазорату идораҳои гуногун, ба монанди Вазорати фарҳанг, Иттифоқи журналистон, Академияи ВАО, бахшҳои гуногуни макотиби олии берун аз Тоҷикистон ҳамкориро роҳандозӣ намудааст ва торафт пойгоҳи моддиву техникиаш мустаҳкам мегардад, – мегӯяд декани кунунии факулта Абдумӯъмин Қутбиддинов. – Дар факулта бахши алоҳидаи радиошунавонӣ таъсис дода шудааст, ки донишҷӯёни гурӯҳи телевизион ва радио дарсҳои амалии худро он ҷо мегузаронанд.

Сангин Гулов, Мурод Муродӣ, Қироншоҳ Шарифзода, Ҷовид Муқим, Саъдулло Ҳайдарӣ ва боз якчанд тан аз омӯзгорон дар факулта роҳи устодони шодравон Воҳид Асрорӣ, Пайванди Гулмуродзода, Асадулло Саъдуллоев, Баҳриддин Камолиддиновҳоро идома мебахшанд. Ин боргоҳи илму маърифат шогирдони бешумор ба ҷодаи матбуот, радиову телевизион тайёр кардааст. Дар матбуоти Ӯзбекистон ҳам чандин нафар дастпарварони шӯъбаву факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллӣ фаъолият мебаранд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
_ҶИЗЗАХ – ДУШАНБЕ – ҶИЗЗАХ._

_Зикри хайр_

# ҶОЙИ ҶОНИБЕК ХОЛӢ АСТ

Дар мавриди 81-солагии шоири тоҷикнависи ӯзбекистонӣ Ҷонибек Қувноқ андеша меронаму ба таври ғайриихтиёр фикр мекунам: Мо оё дар замони Шӯравӣ ба қадри имконият андаке, ки давлат барои инкишофи фарҳанги миллатҳои ғайрититулии ҷумҳуриҳои шӯравӣ фароҳам сохта буд, расида бошем, аз он истифода бурдаем? Сухан дар бораи даҳсолаи аввали давлатдорӣ, яъне солҳои бистуми асри XX намеравад, дар он вақт, сарфи назар аз ҳангомаҳои миллатчиёну душмансозон, тамаддуни тоҷикиву ӯзбекӣ ҳанӯз аз ҳам дур нарафта буд, нашриётҳои тоҷикӣ аксарият дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Фарғонаву Бухоро ҷойгир буданд. Аз солҳои сиюм ва баъд-чӣ?

Ман медонам, ки Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҳар сол камаш 5-6 асари адиби ӯзбекзабони кишварро бо забони модариашон чоп мекард. Номҳои адибони ӯзбеки худӣ дар муҳити фарҳангии кишвар машҳур буд. Дар ҳар шумораи «Совет Тоҷикистони» (ҳафтае шаш шумора мебаромад) намунаҳои адабӣ ё ҳадди аққал адабиётгунаҳо ба табъ мерасиданд. Дар замони истиқлол китобҳои адибони ӯзбекзабонамон зиёд чоп шуданд, ки кам не. Дар Ӯзбекистон чӣ гуна буда бошад? Маълум аст, ки дар Тошканд рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик») (ҳафтае се бор) ба забони тоҷикӣ нашр мешуд ва шеъру ҳикояҳои адибони тоҷики ӯзбекистонӣ ё тарҷумаҳои адабиро ба забони тоҷикӣ нашр мекард, дар нашриётҳо низ китобҳои тоҷикӣ мебаромаданд. Масалан, маҷмӯаи «Гулдастаи Самарқанд»-ро, ки аз ҷумла дар Нашриёти ба номи Ғафур Ғулом ба таб расидааст, Ҷонибек таҳрир кардааст.

Робита ва имкониятҳои адабии замони шӯравиро ба ҳадде мебинам, ки асари «Таронаи Кашмир»-и Шароф Рашидовро ба забони тоҷикӣ устод Мирзо Турсунзода шоирона тарҷума кардааст. Ҳамчунон аз Ҷонибек шунидаам, ки пас аз нашри як китобаш, ба фикрам китоби аввалинаш дар нашриёти Тошканд, роҳбари Ӯзбекистон ба хонааш занг зада, табрик кардааст ва аҳвол пурсидааст.

Имрӯз вазъи нашри адабиёт чӣ гуна бошад? Барои он аз худ савол мекунам, ки китобҳои адибони тоҷики Ӯзбекистонро дар мағозаҳои Душанбе намебинам, гоҳ-гоҳе аз аҳволи эҷодии адибони самарқандӣ чизҳое мешунавам, аммо тоҷиканависон дар Тошканду Бухоро, Фарғонаву Намангон, Сурхондарёву Қашқадарё, Чирчиқу Нурато низ кам набудагистанд, аз аҳволи онҳо камтар дарак дорем ё умуман бехабарем. Шояд яке аз сабабҳояш дар он бошад, ки кӯпрукҳое мисли Ҷонибек Қувноқи ду соҳилро баҳам мепайвастагӣ кам шудаанд, ё шояд робитаи адабии байни эҷодкорони ду кишвар коста шудааст ва танҳо бо сабабҳои расмие рӯ мезананду бас. Дар ҳоле, ки ба гумонам дар мақомҳои расмии ҳар ду кишвар ҳам ба такмили робитаи адабию фарҳангӣ монеае нест.

Ҷонибек Қувнокро аввалин бор тобистони соли 1969 дар Тошканд дидаам. Мо, донишҷӯёни шуъбаи журналистикаи ДДТ барои таҷрибаомӯзӣ ба рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» омадем. Ҷонибек он вақт дар шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзнома кор кунад ҳам, ба фикрам вазифаи тарҷумониро низ ба дӯш дошт. Аксар вақт дар хонаи мошиннависӣ нишаста матни расмиро дикта мекард. Машинисткае, ки ҳамроҳаш кор мекард, фаҳмидем, ки ҳамсараш хонуми Кимиё будааст. Чеҳраи Ҷонибекро Худованд чунон наққошӣ кардааст, ки натанҳо дилкаш, балки доим дар табассум буд. Гумон мекунед, ки гӯё худи ҳозир хабари хуше шунидааст, ё гапи аҷибе гуфтанист. Аммо хандааш қаҳ-қаҳи давомнок набуд, канда-канда механдид. Ҷонибек ба зудӣ бо мо – ду нафар таҷрибаомӯзи тоҷикистонӣ, улфат шуд. Сабабаш, албатта, таваҷҷуҳи умумӣ ба халқамон ва адабиётамон ва ҳамчунон наздикии синну соламон буд. Вай яке аз ҷавонтарин кормандони рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» буд, гарчи аллакай дар муҳити мадании кишвараш тавассути шеър, мақола ва очеркҳояш эътибори хоссе пайдо карда буд. Барои фаҳм мегӯянд, ки мудири шуъбаи маориф ва маданияти рӯзнома домулло Васфӣ, ки калонсолтарин кормандони рӯзнома ва батаҷрибатарини онҳо буд, чанд китоби шеърҳояш бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ чоп шудаанд, Ҷонибекро бисёр эҳтиром мекард, ба мо «ҷавони боақлу фаросат ва донишманд, мебинед, дар оянда шоири тавоно мешавад», – гуфта дар ғайбаш муаррифӣ мекард.

Ҷонибек моро ба хонааш ҳам бурд. Ва як-ду бор дар «Гунбади нилгун» – боғи фароғати рӯ ба рӯйи редаксия низ сӯҳбати дӯстонае орост.

Боре аз мо пурсид: «Шумо бегоҳӣ дар куҷо нон мехӯред?»

Гуфтем, ки дар назди хобгоҳи Институти ба номи Низомӣ, ки мо онҷо зиндагӣ дорем, чойхонаи хубе ҳаст. Дар ҳамон ҷо. «Пагоҳ – рӯзи шанбе, ман ҳам меоям, якҷоя тановул мекунем», – гуфт.

Хурсанд шудем ва таъкид кардем, ки пагоҳ як одами фарбеҳи дуторӣ чун одат меояд ва дар чойхона дуторнавозӣ мекунад, форам менавозад. Хандиду пурсид: «Ӯро мешиносед? Номаш чист?» Мо иқрор шудем, ки ҷуръати пурсидан накардем. Ҷонибек гуфт: «Ман аз он ҷумла барои шунидани навои ӯ меравам. Дирӯз аз муҳаррир фаҳмидам, ки дар чойхонаи шумо ҳафтае се бор Муҳаммадҷон Мирзоев дуторнавозӣ мекардааст». Мо ҳайрон ва шод шудем. Он солҳо тавассути радио мо ин номро зиёд мешунидем: «Оҳанги Муҳаммадҷон Мирзоев...»

Бегоҳирӯзии шанбе хеле аз оҳангҳо лаззат бурдем. Надонам, аз оҳанг гуфтан беҳтар ё аз оҳангҳои Мирзоеву кайфияту сарҷунбонӣ ва дар пушти панҷаҳои дасти чап ба ангушти дасти рост ба оҳанг ҷӯр шудани Ҷонибек. Қабл аз хестан Ҷонибек ба назди Мирзоев омада бо забони тоҷикӣ раҳмату миннатдорӣ карду худро шиносонд. «Истед, истед. Номатонро Ҷонибек гуфтед? Ҷонибек Қувноқов?» Ҳе бале, ҳе офарин, шеърҳои аҷоиб мегӯеду инқадар ҷавон будаед. Ман ба яктеш оҳанг бастам, шинед, кани гӯш кунед, маъқул мешавад ё не», – гуфта Муҳаммадҷон Мирзоев дуторро ҷӯр кард. Натанҳо мо, балки тамоми чойхона гӯшу ҳуш шуд.

Соли 1975 ман аз Москва ба Тошканд ба командировка омадаму аз меҳмонхонаи «Шарқ» ҷой гирифта, ба редаксия даромадам. Ҷонибек аз дидор ниҳоят хурсанд шуду гуфт, ки барномаатро гӯй, то фурсатро дуруст истифода кунем, бо ҳамин дида гурехта наравӣ. Ман ҳам фаҳмондам, ки бе мадади вай корам пеш намеравад. Аз ҷумла, ман бояд ҳатман Шарофиддин Садруллинро пайдо кунам, ҳеҷ як нишон надорам. «Мо дорем – хурсандона изҳор дошт Ҷонибек. – Охир он кас ветерани мо, аз аввалин муҳаррирони «Овози тоҷик». Дар рӯзҳои ҷашн меоянд, мо ҳам хабарашон мегирем. Ман як-ду бор ба хонаашон низ рафтаам».

Ҳамин бо раҳнамоии Ҷонибек ба хонаи Садруллин рафтам, боз ҳам аз дасторхони хонадони Ҷонибек баҳра бурдам ва ҳар ду дар театри Ҳамза як спектакл ҳам тамошо кардем. Солҳои баъдӣ дар Тошканду Душанбе мо аз ҳоли ҳамдигар хабар мегирифтем, Ҷонибек бо корҳои эҷодии худ ба Тоҷикистон меомаду ман ҳамроҳи шогирдони таҷрибаомӯзам ба Ӯзбекистон мерафтам.

Охирин дидор бароям фаромӯшношуданӣ буд. Он сол (1990) мо – донишҷӯёни шуъбаи журналистикаро на танҳо ба Тошканд, балки ба рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ, вилоятӣ ва радиову телевизионҳои вилояти Сурхондарё, Қашқадарё, Самарқанд, Бухоро, Намангон ва Фарғона низ фиристодем. Фолклоршиносонро ба Сурхондарё ва лаҳҷашиносонро ба Самарқанд равона кардем. Ман пас аз ҳолпурсиву иддае аз онҳо ба Тошканд омадам. Ҷонибек бо муҳаррир маслиҳат карда, ҳамон бегоҳӣ мулоқоти ҷамоаи эҷодиро ташкил дод. Маро чунин шиносонд: «Аввалин таҷрибаомӯзи тоҷикистонӣ дар рӯзномаи мо, ки бист сол пеш омада буд, имрӯз декани факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, ки имсол аксарияти донишҷӯёнашро барои таҷрибаомӯзӣ ба Ӯзбекистон овардааст. Чунки дар сарзамини мо барои ин шароите ба миён омадааст».

Сипас, Ҷонибек Қувноқ бо ифтихор дар бораи он сухан гуфт, ки дар замони бозсозӣ дар Ӯзбекистон ба масъалаи миллӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад, махсусан, дар бобати мактабу маданияти халқи тоҷик пешрафтҳо зиёданд, мактабҳои нав кушода шуданд, дар донишгоҳҳо шуъбаҳои тоҷикӣ зиёдтар гардиданд ва дар аксари минтақаҳои тоҷикнишин дар рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ саҳифаҳои тоҷикӣ таъсис ёфтанд. Ӯ мисли аксарияти равшанфикрони он замон имон дошт, ки агар сиёсати ошкорбаёнӣ ва бозсозӣ бо ҳамин рӯҳу ҳамин ният пеш равад, орзуҳои неки мардуми тоҷик ҳам ҷомаи амал мепӯшанд.

Ҷонибек Қувноқ асарҳои зиёди худ ва тарҷумаҳояшро ба табъ расонидааст. Барои ман муҳимтарин хидмати вай ба миён овардани муҳити эҷодӣ ва фазои дӯстӣ миёни халқҳои тоҷику ӯзбек мебошад. Вай ҳамчун созмондеҳ ва роҳбари шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, муаллиф ва ровии барномаи «Рангинкамон»-и тоҷикии телевизиони Ӯзбекистон, шоири суруднавис, яке аз эҷодкорони асили рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик») барои шукуфоии тамаддуни ҷумҳурии бародар ва мустаҳкаму нодир ва дилхоҳ шудани ҷойи халқи тоҷик, расму ойин ва фарҳангу санъати вай дар ин сарзамин хидмати фаромӯшношуданӣ кардааст. Гумон мекунам ҷойи ӯ пур нашуд, холӣ монд.



**Иброҳим УСМОНОВ,**
**профессор.**

_Намунаҳо аз ашъор_

## АРЗИ ФАРЗАНД

_Модар, сари қабрат омадам боз,_
_Бо меҳру муҳаббат омадам боз._
_То мужда зи фасли гул расонам,_
_Гул чинаму рӯйи қабр монам._
_То пеши ту шарҳи ҳол гӯям,_
_Аз қисмати худ мисол гӯям..._
_Эй пораи қалб гуфта будӣ,_
_В-эй ҷораи қалб гуфта будӣ,_
_То заҳри азоби дил шавад нӯш,_
_Ҷӯ канда зи оби ҷӯйи худ нӯш._
_Хоҳӣ, ки зи лавҳи ёди мардум_
_Номат нашавад дар ин замон гум,_
_Мебош мудом ғамбарораш,_
_Бардор ба дӯши хеш бораш,_
_Дар бар рухи пастҳимматӣ пӯш,_
_Аз баҳри баландномӣ мекӯш..._
_Ин панди ту гашт нардбонам,_
_То ки ба баландӣ пой монам._
_Бишкуфт ниҳоли орзуят,_
_Во гашт гиреҳи ҷустуҷӯят._
_Ҳоло ҳама модарони дилбанд_
_Хонанд маро ба хеш фарзанд._
_Гӯянд сухан, садоят ояд,_
_Савти нави муддаоят ояд._
_Имдодгарӣ ҳанӯз моро,_
_Чун аввала чокдӯз моро._
_Модар, ана боз омадам ман,_
_Бо рӯйи ниёз омадам ман._
_Баргӯй чӣ кор карданамро,_
_Аз нав чӣ қарор карданамро..._

***

_Сари зулфат зи дастонам раҳо шуд,_
_Аз он тори дили ман бенаво шуд._
_Вале як раҳ нагуфтӣ аз сари меҳр,_
_Ба ин бечораи ошиқ чиҳо шуд._
_Аз он шодам, ки ношодам надидӣ,_
_Ҳар он чи шуд ба ҷабри ҷони мо шуд._
_Хаёли корубор аз ёди ман рафт,_
_Хаёли дидани ту муддао шуд._
_Барои диданат сад роҳ ҷустам,_
_Вале роҳи раво ҳам нораво шуд._
_Биё, ёро, зи роҳи лутф боре_
_Ки лутфи ту ба дарди дил даво шуд._

## ЗИНДА БОД

_Ҳар кӣ боғи дӯстиро кард бонӣ,_
_зинда бод!_
_Рӯяд аз он меваҳои зиндагонӣ,_
_зинда бод!_

_Дӯстию душманӣ монанди нуру_
_соя аст,_
_Нур бар соя набахшад ҳеч амонӣ,_
_зинда бод!_

_Дӯстӣ бошад шиори ҷумла_
_одамдӯстон,_
_Ҳар кӣ дорад дар дил аз он гар_
_нишоне, зинда бод!_

_Нест бодо душманӣ – ин кӯрароҳи_
_кӯрҳо,_
_Дӯстӣ – роҳи равони меҳрубонӣ,_
_зинда бод!_

_Дӯст ҳастӣ ё ки душман, эй дурӯя,_
_рост гӯ,_
_Якдилӣ, якрӯягию якзабонӣ_
_зинда бод!_

_Алҳазар аз дӯсте, ки санг дорад дар_
_бағал,_
_Косаат бишкаста гӯяд, дӯстгонӣ_
_зинда бод!_

_Аз ду дил як дил агар бунёд созад_
_дӯстӣ,_
_Сар фуруд оварда гӯям, ҷовидонӣ_
_зинда бод!_




Адаш ИСТАД

# АКАДЕМИЯИ ОДАМОНИ БОВИҶДОН

*(Ҳикояи нимҳаҷвӣ)*

Дар як шаҳри бостонӣ одамони бостонӣ мезистанд. Шиорашон - як рӯз бошу хурӯс бош! Шиори дигарашон - ҳар кас тонаду дарнамонад!

Ҳар кас дар ин шаҳр касбу коре дошт. Ба синни нафақа расад, хурсанд мегардид, аммо дере нагузашта аз бекорӣ зиқ мешуд, агар фарзанду набера надошта бошад.

Амонака аз ин тоифа буд. Занаш вафот карду худаш танҳо монд. Як ҷавонзанро бо чор бачааш тӯй карда гирифт.

Акнун барои онҳоро хӯрондану пӯшондан нафақапулӣ намерасид. Чанд рӯз сари тосашро болои зонуҳо монда андеша кард. Чизе намехӯрд. Калла дар гушнагӣ зӯр кор мекунад, фикр мекард ӯ.

Зани ҷавон ҳайрон, ки ба мардакаш чӣ шуд? Аз пушт пистонҳои нармашро ба тахтапушти шавҳар молида, аз сари тосаш бӯсида, сахт ба оғӯш кашида сабаби ғамгинии ӯро мепурсид.

– Халал нарасон, ман фикр карда истодаам, ки аз куҷо пули калон ёбам, – мегуфт Амонака.

Баъди чанд рӯзи ташнаву гурусна нишастан, мокиёни рӯйи ҳавлӣ хурӯсвор садо баланд кард. Занаш, ки ҳавлӣ мерӯфт, "ҳе ҷеғи бемавридат ба замин" гӯён ба сӯйи мокиён ҷорӯби дасташро партонд.

– Куштан лозим ин мокиёнро, ҷеғи мокиён хосияти хуб надорад, – гуфт зан.

– Ин ҷо айби мокиён нест, айби ман, ки хурӯсро кушта хӯрдам ва онҳо бе мардина монданд.

Ва ба ёдаш мақоли «Як рӯз бошу хурӯс бош!» омад. Ва ин таконе ба фикраш шуд, ки роҳи ёфтани пули муфтро кашф кунад.

Амонака ба тарафи занаш нигоҳ карда садо баланд кард: «Эврика! Ёфтам! Мо Академияи одамони бовиҷдонро месозем? Занакҷон компютерро биёр, уставашро сохта худи ҳамин рӯз дар ҳокимият тасдиқ мекунонам.

Ҳаққи аъзогӣ аз хоҳишмандон – 5 миллион сӯм. Ба гӯши занаш ин 5 миллион сӯм гуфтани шавҳар он қадар форид, ки чоки даҳонаш аз ин гӯш то ба он гӯш мавҷ заданд.

– Дар вақти қабул ба академия мо чӣ хел муайян мекунем, ки ҳамон кас виҷдон дорад ё не? – гуфт занаш.

– Ту ба инаш эътибор нате. Дар шаҳри мо одамони бевиҷдон нест. Ҳоло мебинӣ ҳама давида меоянду ба узвият қабул мешаванд. Баъд ман мегӯям, ки лимит тамом шуд, агар боз панҷ миллион илова кунед, шуморо қабул мекунем.

– О, мардакҷон, ин калли шумо каллаи Суқрот, Афлотун ва Эйнштейн! Якта ордени академияро низ месозем. Ва инро низ мефурӯшем.

Баъди чанд рӯз ҳокимият ин академияро ба расмият шинохту Амонака дар рӯзномаҳо эълони қабулро нашр кард.

Дар таги дарвозаи ҳавлиаш одамон қатор шуданд. Дар ҷойҳои мо одамони хушбовар кам нестанд. Дар андак муддат шумори аъзои академия аз ҳазор боло рафт.

Сипас аъзо нашудагон "магар мо бевиҷдонем?" гӯён омадан гирифтанд.

Баъзе донишмандон ба ҳукумат эътироз карданд, ки ин дӯкони бемазагӣ баста шавад. Ҳокимияти шаҳр хатои худро фаҳмида, ин дӯконро баст.

Амонака аллакай он қадар маблағ ҷамъ карда буд, ки то охири умр мерасид. Акнун мақоли ҳар кас тонаду дарнамонадро доим зери лаб замзама мекард.

Ҳусни хотимаи ин ҳикоя он, ки дар охир ҳама пулҳоро ба доллар иваз карда, ба бонк монда, зани ҷавон аз шавҳараш пурсидааст:

– Ҳамин виҷдон дар асл чӣ маъно дорад?

Амонака ҳини ин савол коняк нӯшида сархуш буд. Аммо ин савол як сатил оби хунук барин шуд, ки аз сараш рехтанд. Зуд луғатро ба даст гирифта, маънои аслии виҷдонро кофт. Маънои аслиаш — дарёфтан, ҳисси масъулият будааст ба маънои дувум.

Ӯ гуфт: – «Мана — маънои аслияш дарёфтан будааст. Мо магар пул наёфтем?»

# АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА “ШОҲНОМА”-И Ӯ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

***Дар байни мардуми Ӯзбекистони имрӯза, бавижа Самарқанду Бухоро пайваста бо омӯхтани Каломи шариф ва ҳадисҳои Муҳаммад алайҳиссалом, омӯзиш ва тарғиби осори адибони классик, бахусус офаридаҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Румӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигар суханварони маъруф асрҳо боз дар як радиф меистад.***

То гузаштаи наздик дар мавзеъҳои гуногуни Самарқанду Бухоро ва дигар мавзеъҳои тоҷикнишини Ӯзбекистони кунунӣ маҳфилҳои Шоҳномахонӣ, Гулистонхонӣ, Маснавихонӣ баргузор мешуд. Дар меҳмонхонаҳо ин маҳфилҳо то дергоҳи шаб давом мекард. Мутаассифона, баъди дигар гаштани сохтори иҷтимоӣ, ҷорӣ шудани сиёсати давлат нисбати мероси аҷдод ин маҳфилҳо барҳам хӯрданд ва мардуми мо то андозае аз мероси ниёгон дур шуд.

Бо вуҷуди ин, тадқиқу таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти адибони гузашта, аз ҷумла, паҳлуҳои гуногуни зиндагиномаи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ дар даврони шӯравӣ низ дар марказӣ таваҷҷуҳи олимон ва адибони Ӯзбекистон буд. Абдурауф Фитрат ба ин мавзӯъ ҳанӯз солҳои 30-юми садаи гузашта муроҷиат карда, “Фирдавсӣ” ном мақолаи худро навишта буд. Ӯ дар ин мақола оиди ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ маълумот дода, дар хусуси таъсири “Шоҳнома” ба адабиёти туркзабон низ ҳарф задааст. Фитрат дар мақолаи худ оиди ба ҳамин услуб ва ҳатто ҳамин вазн навишта шудани “Қутадғу билиг” ном асари адиби асри XI Юсуф Хос Ҳоҷиб таваққуф менамояд.

Худи Юсуф Хос Ҳоҷиб дар пешгуфтори китобаш оиди ҳанӯз дар замони зиндагии ӯ дар машриқу мағриб шуҳрат пайдо кардани «Қутадғу билиг» сухан ронда, ишора мекунад, ки “эрониён онро “Шоҳномаи туркӣ” номидаанд”.

Дар замони шӯравӣ, дар мактабҳои миёнаю олӣ, бо вуҷуди баъзе маҳдудиятҳо, аз ҷониби маърифатпарварони равшанфикри давр омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти бархе адибон ва донишмандони гузашта тавассути китобҳои дарсӣ омӯзонда мешуд. Ба барномаҳои мактабӣ баъзе достонҳои “Шоҳнома”, аз ҷумла, достони “Рустам ва Сӯҳроб” низ барои омӯхтан дохил шуда буд. Омӯзгорон дар ҷараёни таълими адабиёт байтҳои пандомези “Шоҳнома”-ро хонда, мазмун ва мундариҷаи достони “Рустам ва Сӯҳроб”-ро бо маҳорати хосса нақл мекарданд. Дар базму шабнишиниҳои адабӣ донишомӯзон аз рӯйи ин достон саҳначаҳо намоиш медоданд.

Дертар дар барномаҳои дарсии донишкадаҳои филологӣ низ ба омӯзиши “Шоҳнома»-и Фирдавсӣ эътибор дода шуд.

Эҳтиром ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯст, ки адибони ӯзбек Ҳамид Ғулом, Эркин Воҳидов, Ӯткур Ҳошимов ва дигарон дар мавридаш номи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯро бо самимияти хосса ёдовар шудаанд. Аз ҷумла, Шоири халқии Ӯзбекистон Ғафур Ғулом дар “Сайқали Самарқанд” ном мақолааш, чунин навиштааст: “Шоири машҳури форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ як ҳазору панҷоҳ сол муқаддам аз ин “Шоҳнома”-и худро навишта буд, ки яке аз қаҳрамонони машҳури он Афросиёб мебошад».

Романи пурмуҳтавои Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода “Фирдавсӣ” низ ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудааст.

Дар Ӯзбекистон пайваста бо омӯзиши “Шоҳнома” ба тарҷума ва нашри он низ эътибори хосса додаанд. Агар дар ибтидо дар китобҳои дарсӣ ва баъзе маҷмӯаҳои адабӣ порчаҳо аз достонҳои ҷудогонаи Фирдавсӣ ва байтҳои панду ҳикматомези он ба назар расанд, сонитар тарҷума ва нашри ин асари безавол аз ҷониби адиб ва донишмандони ӯзбек таҳти сарварии ховаршиноси маъруф, тарғибгари беҳамтои адабиёти мумтози форсӣ дар Ӯзбекистон Шоислом Шомуҳаммедов қадами ҷиддӣ гузошта шуд. Ӯ дар китоби худ “Классикони адабиёти форс-тоҷик” оиди Абулқосим Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ мақолаи мукаммале навишта, ба хонандагони ӯзбек тақдим кардааст. Дар поёни мақола ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ баҳои ҳаққонӣ дода шудааст: “Шоҳнома” ҳайкали муҳташамест, ки ин шоири бузург барои худ гузоштааст”.

Ниҳоят “Шоҳнома” ба забони ӯзбакӣ дар се китоб бо теъдоди зиёд ба дасти чоп расид.

Ҷилди аввали ин китоб пурра дар тарҷумаи Шоислом Шомуҳаммедов ба сомон расонида шудааст. Гарчи дар тарҷумаи ду ҷилди дигари ин китоби бузург шоирон Ҳамид Ғулом ва Назармат низ ширкат ҷустаанд, вале таҳти назари Шоислом Шомуҳаммедов ба дасти чоп расидааст.

(Давомаш дар саҳ.7).

# ИНСОНИ ХОКСОР ВА ШОИРИ ШИРИНГУФТОР

Китоби устод Абдубароти Қодирӣ «Фариштаҳои раҳмонӣ»-ро мехонему воқиф мешавем, ки ӯ шоирест «саропо дарду оҳ». Ба дарёи ашъораш шино карда, аз умеду орзуҳо, ҳасрату ормонҳои шоири ҳассос огоҳ мешавем.

Мавзӯи худшиносиву Худошиносӣ ва охиратандешӣ дар ғазалҳои равони ӯ ҷойгоҳи худро доранд. Масалан, дар ғазале мефармояд ӯ:

*Мо зи даргоҳи Худо лутфу дуо металабем,*
*Мо зи Қуръони карим илму ато металабем.*
*Ҷуз раҳи зикри Худо роҳи дигар нест ба мо,*
*Мо зи куфру зи риё роҳи ҷудо металабем...*

Дар ғазали дигар шогирдонро ба азизу муътабар донистани устод даъват менамояд:

*... Бе мураббӣ соҳиби илму ҳунар натвон шудан,*
*Бе мураббӣ оқилу соҳибҳунар натвон шудан...*

Шеърҳои дигари ин маҷмӯаро аз рӯйи мавзӯъ метавон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кард: гиромидошти бузургон, худшиносӣ ва инсондӯстӣ.

Ба ашъори гиромидошти бузургон «Ғарибхок аст Нодирпур», «Хунқалам» (Робиаи Балхӣ), «Кӣ медонад, кӣ мехонад?!» (Одина Ҳошим), «Ба Ф.Муҳаммадиев», «Ба муаллим» (устоди донишгоҳ Амруллоҳи Қадруллоҳ) дохил мешаванд. Шеърҳои «Марди деҳқон», «Марди чӯпон» низ бисёр самимиянд.

Устод Абдубарот шахси худогоҳ, хештаншинос, донишманди таърихи пурифтихори халқи тоҷик аст, ки шеърҳои «Бухоро», «Самарқанд», «Арчаи солхӯрда», «Исёни Кова», «Ворисӣ Сомону Нӯҳем» ашъори дар ин мавзӯъ эҷодшудаи ӯ мебошанд.

Шоир ва омӯзгори ҳассос Қодирӣ танҳо фикри худу диёри худро надорад, балки ғами мардуми дунёро мехӯрад. Сарводаҳои «Қисмати тоҷик», «Мулки афғон, сарзамини оҳу афғон», «Ай Фаластини бепушту паноҳ», «Ай ироқӣ дар фиғону дар фироқӣ»-ро метавон ба шеърҳои башардӯстона дохил кард. Масалан, дар шеъри «Қисмати тоҷик», ки ба ҷанги шаҳрвандии давлати ҳамсояву ҳамзабон бахшида шудааст, бо алам меновисад:

*Дареғо, ки ҳазорон тоҷики ман беватан мурданд,*
*Ҳазорони дигар дидам, ки бегӯру кафан мурданд.*
*Фироқу ҳаҷру сарсонӣ насибу рӯзашон гардид,*
*Ба Покистону Эрон, Кобулу Русу Яман мурданд.*

Абдубарот дар мухаммасnавиcӣ низ қувваозмоӣ намуда, комёб шудааст. Ба ашъори 18 нафар шоири бузург, мисли Саноӣ, Аттор, Саъдию Ҳофиз Лоиқу Бозор Собир мухаммасҳои дилнишин бастааст. Метавон гуфт дар мухаммаснависӣ муаллим Қодирӣ хеле комёб гардидаанд...

**Маҳкам ҶАЪФАРЗОДА.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# НАЙ – АСБОБИ МУСИҚИИ НАФАСӢ

***ё шарҳи се байти «Маснавӣ» дар иртибот бо ин асбоб***

Най вожаи форсии тоҷикӣ буда, дар фарҳангҳо ба ду маънӣ омадааст: 1. Як навъ гиёҳе, ки дар ҷойҳои сероб мерӯяд ва танаш борику рост буда, миёнаш ковок аст; қамиш. 2. Як навъ асбоби мусиқии нафасӣ, ки бештар аз танаи най сохта мешавад.

Садои ин олат мисли ин ки сеҳре дар ниҳон дошта бошад, гӯши ҷонҳоро навохта, асабҳоро ором месозад. Аксарият медонанд, ки навъҳои зиёди ин асбоби мусиқӣ вуҷуд дорад: най, сурнай, қӯшнай, карнай... Вале кам касон огоҳӣ доранд, ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ образи ин асбоби мусиқиро дар «Маснавии маънавӣ»-и худ барои ифодаи маъниҳои ирфонӣ, бо истифода аз санъати таҷнису истиора, басе хотирмон офаридааст. Дар ин шоҳасар, ки аз ояҳои қуръонӣ, аҳодиси набавӣ ва ривоёти динӣ иборат аст, най мисли одами зинда аз ҷудоиҳо шикоят ва ҳикоят мекунад:

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*

(Давомаш дар саҳ.7).

# АЗ ҲАЁТИ АДИБОНИ ҶАҲОН

Пушкин, овоне, ки дар литсейи Сарскоселский таҳсил дошт, гоҳо мехост барои сайругашт дар Петербург «фирор» кунад. Шоири бузург боре ба ин мақсад аз роҳбари литсей рухсат гирифт. Вақте гувернёр (мураббӣ) ҷавоби рад дод, Кюхелбакерро бо худ гирифта фирор кард. Саргувернёр – Трико, ки барои ҳар як хонандаи литсей масъул буд, ба дунболи фирориён рафт.

Дар ин ҷо ҳодисаи ғайриодие рӯй дод. Ба вурудгоҳи шаҳр, албатта, аввал Александр Сергеевич наздик шуд. Посбони застава, чун одат, ному насаби ӯро пурсид. Пушкин ҷавоб дод: «Александр Однако». Вақте навбат ба Кюхелбакер расид, ба саволи мазкур дуруст посух дод: «Григорий Двако». Вале вақте гувернёр аз паси онҳо омада ба саволи посбони застава ҷавоб дод, ки ӯ Трико аст, косаи сабри заставной лабрез гардид. Фикр кард, ки се тан забон як карда, ӯро масхара мекунанд. Амр дод, ки гувернёрро як шабонарӯз дар қаровулхонаи застава ҳабс кунанд. Пушкину дӯсташ, бехабар аз ин моҷаро, баҳаловат аз шаҳр дидан карданд.

***

Вақте нависандаи машҳури рус Иван Дмитриев ба хонаи падари Пушкин омад, ҳодисаи аҷибе рӯй дод. Дар ин вақт шоир кӯдаки хурдсол буд. Дмитриев хост, бо ишора ба намуди зоҳирии кӯдак, ҳазлу шӯхӣ кунад ва ин сухан ба забон овард: «Чӣ ширин аст, ин арабзода!». Вале кӯдак худро гум накард ва ҷавоби на он қадар хурсандибахш дод: «Шукр, ки алобуло (чипор) нест!». Бузургсолон ба рӯйи чӯтури Дмитриев нигариста, як муддат хомӯширо ихтиёр карданд.

Тарҷума ва таҳияи
**К. АБДУЛЛОЕВ.**

Бахтиёри ҶУМЪА

# ҲИКОЯҲО БАРОИ КӮДАКОН

## БА САД ДАРОЯМ

Довари хурдакак ҳар боре, ки атса мезад, падару модар ва ё бобову бибиаш дуои нек карда, мегуфтанд:

– Э саломат бош, илоҳо, ба сад даро!

Рӯзе танҳо бозӣ мекард. Ғарқи мошинчабозӣ нохост атса зад. Гӯш ба қимор истода, интизор шуд, ки ягон кас дуо мекунад. Аммо дар хона касе набуд. Бинобар ҳамин, худ ба худ гуфт:

– Илоҳо, ман ба сад дароям!

## ХУДАМ ЁД ГИРИФТАМ

Модар дар рӯйи ҳавлӣ пиёлаи шикастаро дида, таҳдидомез ба фарзандонаш рӯ овард:

– Пиёларо кӣ шикаст?

– Ман не, — ҷавоб дод писараш.

– Ин кори Афшини эркатулфори худатон, – укачаашро нишон дода гуфт духтараш

– Афшин ҳоло майда, – ба гапи фарзандаш бовар накарда, норзиёна ғурунгос зад модар. – Бачаи сесола пиёларо чӣ хел мешиканад?

Афшин, ки аз ошхона истода, ин гапҳоро мешунид, косаро бардошта баровarда, ба назди пойи модараш партофт:

– Ана ин хел!

Аз ин рафтори ӯ ҷони модараш баромада, бо ду даст сарашро дошт.

– Ба шумо ҳам ёд диҳам? – Афшин ин дафъа ба сӯйи чойник рафта истода пурсид аз модараш.

– Не, не, Афшинҷон, – зуд ба тавалло даромада, ӯро аз раъйаш боздошт модар, – лозим не, ман аллакай ёд гирифтам.

## ЯК МАЗА КУНЕД

Анушервон обҳои даҳонашро резонда, себ мехӯрд. Ба себхӯрии вай бобояш бо ҳавас нигариста, дар лабонаш табассум дамид.

– Шумо ҳам хӯред, — нигоҳи ҳавасомези бобояшро дида, нимаи дигари себи хӯрдаистодаашро ба бобояш дароз кард.

– Не, дадаҷон, ту хӯрдан гир. Ман дандон надорам. Себхӯрии туро бинам, маза карда худам хӯрдагӣ барин мешавам.

Бобо дандон надошт. Бинобар ҳамин, ҳатто баъзан гӯшти устухондорро ба Анушервон медод, ки вай хӯрад.

Рӯзе Анушервони хурдсол дар кӯча дар дасти бачаҳо чупа-чупсро дида, ба назди бобояш давида омад ва гуфт:

– Бобоҷон, ҳалвои чуппа-чупс ҳам сахт. Маза кардан хоҳед, пулаша диҳед, ман аз магазин харида маза карда хӯрам...

## БАЧАҲОИ БООДОБ

Вақти хӯроки бегоҳӣ боз додару хоҳар мушу гурба шуданд. Гирди мизи таомхӯрӣ ака ҷойи ука – хоҳарашро гирифта буду аз ҷояш намехест. Барои ҳамин хоҳараш косаи ӯро ба ҷойи пешинааш гузошт. Вале акааш ба ҷойи доимии худ шишатан намехост ва косаро боз ба наздаш гирифт. Якравию гапгардонии онҳо авҷ гирифта, овозашон торафт баланд мегардид. Ин рафтори онҳоро модарашон дида, ба миён даромад:

– Ҳамааш ҳам як ҷой. Ба калонҳо халал нарасонида, оромакак хӯрокатонро хӯред, намешуд?! Охир аз бобову бибиатон шарм намедоред?

Ҳарду хомӯш шуданд. Вале акнун дар ҷойи нишасташон якдигарро тела додаву нихта мекарданд. Ин рафтори онҳо ба асаби модаркалонашон расид магар, ки гуфт:

– Бачаҳо бояд боақлу боодоб бошанд. Вақти хӯрокхӯрӣ ором шинанд, хӯрокро нағзакак хоида, мазаашро фаҳманд. Шумо ҳарду бачаҳои калон шудеду кай ақлатон медарояд?

Хоҳару додар хомӯш шуданд.

Модаркалон лаҳзае таваққуф карда, ба сӯйи бобо нигарист, ки вай ҳам ягон чиз гӯяд. Бобо гуфт:

– Набераҳоро беҳуда ҷанг накун. Ман ҷангу ҷанҷолашонро набинам, доду ғавғояшонро нашунавам ва худашон ҳамроҳи мо набошанд, бачаҳои нағзанд.

## ЛИМӮ БАРИН ТУРШ

Ромизи хурдсол бо ҳузуру ҳаловат ва резонидаву чошонида қаймоқ мехӯрд. Чумчаро ба қаймоқи ғафси даруни коса ғӯтонида, ба даҳон мебурд. Аз хӯрдан болои лабонаш ҳатто «мӯйлаб» баровarда буд.

Ҳамин вақт модаркалонаш ба ошхона даромад. Ӯро дар чунин аҳвол дида, дар лабонаш табассум дамид.

– Ширину бамаза? – бо ҳавас ба қаймоқхӯрии ӯ лаҳзае зеҳн монда пурсид модаркалон.

– Ҳа, – лабу лунҷи қаймоқини худро лесида ҷавоб дод Ромиз.

– Ман ҳам камтар хӯрам? ба сӯйи коса чашм дӯхта пурсид модаркалон.

Ромиз боз як чумча қаймоқро ба даҳон бурда, лабу лунҷашро мисли одамони лимӯхурда бурмаву чурма кард:

– Лимӯ барин турш, бибиҷон. Шумо лимӯро ганда мебинед-ку!

– Ҳа, бобоҷон, – аз ин ҳозирҷавобии набераaш мамнун гашта, аз пешонааш бӯсид. – Ман лимӯро бад мебинам.

# ОЗМУНИ «ШАШМАҚОМИ БУХОРО»

***Дар «Маркази ҷавонон»-и шаҳри Бухоро озмун-азназаргузаронии ҷумҳуриявии «Шашмақоми Бухоро» ба амал омад.***



Дар он ба ғайр аз намояндагони вилояти Бухоро зиёда аз 200 нафар мақомсароёни 15-35-солаи вилоятҳои Тошканд, Самарқанд, Сурхондарё, Сирдарё, Ҷиззах иштирок карданд. Ин озмун аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст, ки ғолибони он ба ҷашнвораи дуюми байналмилалии санъати мақоми ҷумҳуриявӣ роҳхат мегиранд.

Аз ин рӯ, беҳуда нест, ки ҳайати доваронро Ҳофизи мардумии Ӯзбекистон Исроилҷон Ваҳобов, директори Маркази санъати мақоми миллии Ӯзбекистон Соибҷон Бегматов, Артисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон Аҳмадҷон Дадаев барин устодони санъат ташкил медиҳанд. Марҳилаи ҷумҳуриявии озмун-азназаргузаронии «Шашмақоми Бухоро» дар доираи Анҷумани II байналмилалии мақом дар сатҳи баланд хотирмон гузашт. Шуъбаи маданияти ноҳияи Бухоро соҳиби ҷойи сеюм, ансамбли мақоми намунавии вилояти Сирдарё сазовори ҷойи дуюм шуданд. Барои соҳибшавӣ ба ҷоизаи асосии озмун санъаткорони андиҷонӣ бо мақомсароёни ҷавони бухороӣ рақобат карданд. Оқибат шогирдони мактаби ихтисосонидашудаи санъати Андиҷон ҷойи якум ва ансамбли мақоми намунавии вилояти Бухоро ҷойи аввал – Гран-приро ба даст даровардаанд. Аз рӯйи номинатсияи «Овози мардона» ҷойи сеюм ба омӯзгори Мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 16-уми вилояти Бухоро Қулмамат Ҳимматов ва яккахони ансамбли мақоми намунавии вилояти Сирдарё Нишон Қайюмов, ҷойи дуюм ба омӯзгори мактаб-интернати ба санъати мақом ихтисосонидашудаи Бухоро Рамзиддин Эргашев ва ҷойи якум ба ҳофизи яккасарои ансамбли мақоми намунавии вилояти Сурхондарё Аловиддин Шермаматов ва дар ин равия – Гран-прӣ ба омӯзгори мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 14-и вилояти Бухоро Асадбек Ҳайдаров насиб кард. Дар номинатсияи «Овози занона»-и озмун низ соҳибистеъдодони ҷавон кашф карда шуданд. Шогирди Мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 12-и ноҳияи Ромитан Фазилат Солиева соҳиби ҷойи сеюм, муаллими Мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 9-и ноҳияи Шофиркон Санобар Худойназарова сазовори ҷойи дуюм ва яккахони дастаи мақоми намунавии вилояти Ҷиззах Динора Раҳмонова муносиби ҷойи якум ва яккахони Ансамбли мақоми намунавии вилояти Бухоро Меҳринисо Самиева соҳиби Гран-прии озмун гардиданд.

Дар номинатсияи «Ансамбли навозандагон» ҷойи сеюм ба Мактаби мусиқӣ ва санъати бачагони рақами 8-уми ноҳияи Вобканд ва ансамбли мақоми намунавии вилояти Сирдарё , ҷойи дуюм ба ансамбли бадеии коллеҷи мусиқӣ ва санъати ҷумҳурӣ, ҷойи якум ба мактаб-интернати ба санъати мақом ихтисосонидашудаи Бухоро ва ҷойи олӣ – Гран-прӣ ба мактаби ихтисосонидашудаи санъати Андиҷон насиб кард.

Ғолибони озмун аз ҷониби Маркази санъати мақоми миллӣ ва ҳокимияти вилояти Бухоро бо диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ ҳавасманд гардонда шуданд

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти БУХОРО.*




МАШЪАЛОНИ МАОРИФ

# ТОЛИБИ МАЪРИФАТДӮСТ

Бачагиву наврасии ӯ ҳам амсоли ҳамсолонаш саҳлу осон нагузаштааст. Навакак ҷанги, хонумонсӯз ба охир расида, ҳанӯз ҳам оқибатҳои дардноки он дар ҷисму тан ва дилу вуҷуди одамон осоре монда буд. Ҳар лаҳза ва дар ҳама ҷабҳа вуҷуд доштани асорати ҷанг бараъло эҳсос мегардид. Толиби наврас бо вуҷуди ин ҳама душворӣ ва мушкилоти мавҷуда дар дил танҳо як орзу мепарварид. Мехост, дар мактаб хубу аъло хонда, дар оянда омӯзгор шавад. Дар он солҳо деҳаи Ӯхм танҳо як мактаби ҳафтсола дошт ва баъди хатми синфи ҳафтум бачаҳо фарсаххо роҳро паймуда ба деҳаи ҳамсояи Синтоб мерафтанд. Дар ин қатор Толиб Қазоқов ҳам буд. Ӯ аз соли 1955 то соли 1959 дар мактаби даҳсолаи ба номи Пушкини деҳаи ҳамсоя хонд. Ва баъди хатми он ҳамон сол ба Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд ҳуҷҷат супорида, бахташ хандиду ба номи донишҷӯӣ мушарраф гардид.

– Қоидае роиҷ буд, ки баъди хатми мактаби олӣ бо роҳхати махсус ба мактаби ягон ҳудуд рафта ду-се сол дарс медодед, – ба ёд оварда мегӯяд Толиб Қазоқов. – Манро низ барои кор ба мактаби 9-уми ноҳияи Панҷакент фиристоданд.

Гарчанде дар деҳа ҳамагӣ як мактаб вуҷуд дошт, ба он ҳам омӯзгор намерасид. Ҷавонон нав пайи таҳсил кардан ба мактабҳои олӣ мерафтанд, илму маърифат меомӯхтанд. Толиби маърифатдӯст ҳамроҳи рафиқонаш, ба мисли шодравон Эҳсонбой Бозоров, Ширинбой Шакаров, Нусратулло Ҳикматов, Ҳотам Бозоровҳо (равонашон шод бод!) қариб дар як давр ба мактабҳои олии шаҳрҳои бостонии Хуҷанду Самарқанд рафта хонданд ва баъди як муддати муайяни хатми он ба деҳа баргашта, ба фарзандони ҳамдеҳагони худ дарс доданд, донишҳои азхудкардаашонро ба кор бурданд.

Толиб Қазоқов дар ибтидо ҳамчун омӯзгори фанҳои забону адабиёт ва таърих фаъолият карда, сипас вазифаҳои мудири қисми таълимӣ, директории се мактаби деҳаро, ки пасу пеш чӣ бо роҳи ҳашар ва чӣ бо кӯмаки ҳукумати вақт ифтитоҳ ёфта буданд, бар ӯҳда дошт.

– Ба беш аз ҳазор нафар хатмкунандагон шаҳодатнома навиштаам, – бо хушҳолӣ ва қаноатмандӣ мегӯяд Толиб Қазоқов. – Аксари онҳо дар ҳаёту ҷомеа пайроҳаи худро ёфтаанд.

Толиб Қазоқов дарси забону адабиётро хеле хуб мегузашт. Мо аз ҳар як дарси устод мутаассир гаштаем. Ҳамон як мавзӯи мухотабро чӣ сон бо мисолҳои зинда фаҳмониданаш то ҳол аз ёд намеравад. Яъне, дар як ҷумла калима (мухотаб) метавонад ҷой иваз кунад, аммо дар ҳар се ҳолат ҳам дар охири ҷумла аломати хитоб гузошта мешавад:

«Лайло, китобатро хон!»

«Китобатро хон, Лайло!..»

Дар маҳфилу чорабиниҳои гуногуне, ки алалхусус дар бист-сӣ соли охир дар мактаби нахустини деҳа – рақами 14-ум баргузор гардидааст, Толиб Қазоқов садри он маҳфилҳо буд.

Ибтидои солҳои 2000-ум, вақте ки ҳафтодсолагии таъсиси нахустин мактаби деҳаро таҷлил намуданд, ӯ дуру дароз сухан кард, таърихи деҳаву мактабро бадеҳатан гуфт. Ҳозирин ба мустаҳкамии қувваи ҳофизаи вай аҳсант гуфтанд. Ҳоло ҳам ба пирӣ нигоҳ накарда доир ба ин ё он мавзӯъ мукаммал ҳарф мезанад. Суханонаш балеғ, пухта ва бамантиқанд. Дар маҳфилҳо ҳар касе, ки ба суханпардозиҳои ӯ гӯш ниҳодааст, хуб медонад, ки бо забони софу ноби адабии тоҷикӣ ҳарф мезанад. Нутқи бурро дорад. Аз классикони адабиёт байтҳои обдор, аз бисоти халқ зарбулмасалу мақолҳо зимни гуфтор меоварад, ки суханашро пуртаъсир мегардонанд.

Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, омӯзгори тоифаи олӣ Толиб Қазоқов ба синни 82 қадам мениҳад. Пайроҳаи ӯро даҳҳо, садҳо нафар шогирдон идома додаанд. Кош нафаре аз миёни онҳо чун устод Толиб Қазоқов марди маърифатдӯсту миллатпараст ба майдон ояд.

Агар як писараш Ғайрат якчанд сол чун раиси ҷамоати шаҳрвандони деҳаи Ӯхм фаъолият карда бошад, боз як писараш Ғолиб касби падар омӯхтааст ва айни замон дар мактаби зодгоҳаш ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию маърифатӣ мебошад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Дар 506 маҳфили мактабҳои бачагонаи «Баркамол авлод»-и вилояти Андиҷон қариб 16,5 ҳазор омӯзгорон ҷалб шудаанд. Танҳо дар як мактаби «Баркамол авлод» 24 маҳфил оид ба санъати бадеӣ, техника, меҳнати дастӣ, варзиш, экология ва кишваршиносӣ бинобар ҳафт самт фаъолият доранд.*

*Дар онҳо анқариб 1100 нафар хонандагон иштирок мекунанд.*

***Дар сурат:** дар мактаби бачагонаи «Баркамол авлод»-и вилояти Андиҷон.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА).***

# «АГАР МОДАРИ ШОҲ БОНУ БУДӢ...»

***Суҳбати мо бо Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, муаллимаи фаъоли мактаби миёнаи рақами 43-юми деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато Холбика Нурназарова доир ба адабиёти бадеии кӯдакона, ҷалби онҳо ба китоб ва нақши падару модар дар ин бора дар сари як пиёла чой барпо шуд.***

***Фикр мекунам, назар ва фикрҳои муаллима барои ҳамкасбон аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.***



**– Муаллима, мактабе, ки шумо фаъолият мебаред, дар деҳаи дурдасти силсилакӯҳҳои Нурато ҷойгир аст. Оё китобҳои дарсиву бадеӣ барои хонандагон пурра дастрас мегарданд?**

– Китобҳои дарсӣ ба қадри имкон дастрас мегарданд. Аммо китобҳои бадеии бачагона нисбати китобҳои бадеии калонсолон хеле кам ҳастанд. Бо роҳи тарғибу ташвиқ ба омӯзгорон мефармоем, ки агар бо коре аз деҳа берун раванд, аз дуконҳои китоб ду-се дона китобҳои бадеиро ба китобхонаи мактаб харид кунанд. Бо ҳамин роҳҳо ҳаракат мекунем, ки китобхонаи мактабамон ғанӣ гардад. Гуфтан мумкин аст, ки дар 30 соли охир барои кӯдакон баробари калонсолон китобҳои бисёре чоп шуданд, вале қисса, ҳикояву афсона, шеъру таронаи, ба қавле, бачахӯрак кам аст. Китоби хуб аҳён-аҳён ба дасти кӯдак мерасад. Ин ҷо насру назми кӯдаконаи барои 5-10-соларо дар назар дорам. Шукри беадад, ки баъди танаффуси тӯлонӣ ҳоло китобҳои бадеии тоҷикӣ аз Тоҷикистон дастраси мо мегарданд. Дар ҷумҳурии худамон низ эҷодкорон саъй доранд, ки барои бачагон асарҳои шавқовари бачагона эҷод намоянд. Аз ҷумла, “Даҳ пурсишу даҳ посух”-и Паймон, “Одоб ҳусни инсон аст”, ”Бибии ман”, “Нилуфари аълохон”-и Маҳбуба Неъматзода, “Олами Ирфон”-и Маликаи Бахтиёр, қисса ва ҳикояҳои Болта Ортиқзода – «Бачаҳои лолазор», “Себи орухӯр”, Бахтиёри Ҷумъа – «Маликаи доно”, “Асали бобо”, “Бойчечак” аз он ҷумлаанд.

**– Ба назари ман назми кӯдаконаи мо аз наср пешрафтатар аст. Чунки назм дар хотири кӯдак нисбат ба наср мустаҳкам ҷойгир мешавад. Мо то ҳол порчаҳои шеърии Мирсаид Миршакарро азёд медонем. Масалан шеъри “Гумон мабаред”-ро, ки ҳеҷ гоҳ куҳна намешавад ва сар то по барои кӯдак тарбиявию ахлоқист. Агар мактаби миёнаро 45 сол пеш хатм карда бошам, ин суруди кӯдакона ҳанӯз дар ёдам:**

*Гумон мабаред, ки ман*
*хурд ҳастам,*
*Ана мебинед, ҷорӯб*
*ба дастам.*
*Бо ин ҷорӯбам хона*
*мерӯбам,*
*Дар даст кӯзача равам*
*бошитоб,*
*Ба сӯйи чашма аз барои*
*об...*

– Бале, дуруст гуфтед, назм пешрафтатар аст. Ҳатто Садриддин Айнӣ чанд шеъри бачагонаи хотирмон доранд. “Баррачаи ман”-и Абдусалом Деҳотӣ, шеърҳои бачагонаи Гулчеҳра Сулаймонова низ вирди забони бачаҳо мебошанд.

**– Вақте аз мактабу оила сухан меронем, баъзе волидон таълиму тарбияро куллан кору вазифаи мактаб медонанд ва кам касон ҳастанд, ки бо мактаб якҷоя кор кунанд. Барои ин шуури волидонро чӣ гуна тағйир дод, то ки ба тарбияи фарзандашон бештар масъулият доштани худро донанд?**

– Ба фикрам ин хатост. Бо ҳамкории волидону муаллимон кӯдак ба китоб шавқ пайдо мекунад. Боварӣ дорам, ки то модар дасту остин барзада, фарзандашро таълим надиҳад, омӯзгор аз ӯҳдаи хонанда кардани лоақал як шогирд намебарояд. Модари кӯдак бояд худ китобхон бошад. Вақте Фирдавсӣ “Шоҳнома”-ашро ба Султон Маҳмуд пешкаш кард, ба ивазаш чанд тангаи камарзиш гирифт ва шоир дарғазаб шуда гуфт:

*Агар модари шоҳ бону*
*будӣ,*
*Маро симу зар то ба зону*
*будӣ...*

Яъне, агар модари шоҳ доною маърифатнок мебуд, шоҳ маро то зону бо симу зар ғарқ мекард. Яъне, дар таълиму тарбияи кӯдакон бештар аз ҳама модар масъул аст. Аксарияти оилаҳо маърифат надоранд. Дар назди кӯдаконашон доир ба сарватҷамъкунӣ, молу мулк, сару либоси қаматбаҳо суҳбат мекунанд. Ба китобу дафтар ва донишомӯзии фарзанд кам эътибор медиҳанд. Аз ин сабаб дар мактаб шогирди босаводу хушодоб кам ба назар мерасад. Коре бояд кард, ки волидайн дарк кунанд, ки саводнок будани фарзандашон фарз аст. Масалан, бо роҳи тест қабул шудани хонандагон ба мактабҳои олӣ тасаввуру андешаи падару модарро ба саводомӯзии фарзанд хеле хуб тағйир дод. Онҳо бовар доранд, ки акнун имконияти ба мактаби олӣ дохил шудани фарзандашон зиёдтар шуд ва ба додану гирифтани ришва зарурат нест. Вале ин ҳам кам аст.

Боре аз маҷаллае хондам, ки ҳар як кӯдаки 10-12-солаи ҷопонӣ соле аз 120 китоби бадеӣ имтиҳон месупорад, зеро таълим хусусияти маҷбурӣ дорад. Кош дар мактабҳои мо низ корманде алоҳида фақат бо волидон сарукор мегирифт. Агар оила хоҳад ва бо муаллим ҳамкорӣ намояд, дар ҳар давру замон ва дар ҳар гуна шароит фарзанд метавонад соҳиби одоби хуб ва савод шавад.

**– Боз як мушкилии дигарро набояд нодида гирифт. Имрӯз китобҳои равоншиносии кӯдакона ва волидайнро хеле кам дорем.**

– Оре, китобҳои равоншиносии кӯдак заруранд. Хуб мешуд, ки онҳо аз ҷониби равоншиносон бо забони содаю фаҳмо таҳия шуда, ба дасти падару модар мерасиданд. Чунин китобҳо дар китобхонаи ҳар як мактаб бояд ҷой гирад. Дар маҷлиси падару модарон мудом рафтори хуб ё бади бачаҳо муҳокима мешавад. Ахлоқи фарзанд бояд дар суҳбати як ба яки омӯзгору мутахассису падару модар ҳаллу фасл шавад, на дар ҷамъомади умумӣ. Дар он ҷамъомадҳо омӯзгорон бо волидайн масъалаҳои муҳимтару бузургтарро бояд муҳокима кунанд. Шарм дорондан ё таърифи ину он падару модар ё хонанда дар маҷлиси падару модарон кори хуб нест. Барои маърифатнок кардани оила китоби бачагонаро аввал модар бояд мутолиа кунад, чун фаҳмиду писандид ба фарзандаш тавсия диҳад, чун ӯ хонд, модар ӯро номаълум имтиҳон намояд. Аммо ин корро на ҳар модар иҷро карда метавонад. Куҷост модари хушҳавсалаи босавод? Ғами фарзандро хӯрдан танҳо ин нест, ки либоси тоза пӯшонӣ ва таоми лазиз ба наздаш гузорӣ. Ғизои маънавӣ аввало аз оила оғоз меёбад.

**– Барои суҳбати пурмуҳтаво ташаккур.**

Суҳбаторо
**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

*Дар чорсӯйи зиндагӣ*

# «ҲАР ЧӢ КОРӢ, ҲАМОН ДАРАВӢ»

Баҳодуру Нилуфар ба хонаи навхаридаи худ, ки дар маркази шаҳр ҷой гирифта буд, кӯчида гузаштанд. Азбаски онҳо пеш аз ин дар хонаи иҷора менишастанд, аз ин воқеа хеле хурсанд шуданд. Охир аз чунин хонаи зебову замонавӣ кӣ ҳам хурсанд намешавад!? Вале дар кунҷи қалби ҳар ду ғаму ғуссае ниҳон буд. Зеро онҳо фарзанд надоштанд. Дар вақтҳои танҳоӣ Нилуфар дарро аз дарун баста гиряву нола мекард. Баъзан Баҳодур ин ҳолро дида, ба ӯ тасаллӣ додан мехост, вале Нилуфар ба гапҳои ӯ гӯш намекард. Ӯ мегуфт, ки шояд ранҷидахотирии падару модарамон бошад, ки мо то ҳол ба нохуни фарзанд зорем. Баҳодур худ ба худ мегуфт, ки гапи ин ҳам шояд ҷон дорад ва беихтиёр солҳои аз деҳа ба шаҳр омаданаш ба хотир омад. Аввал мактаб-интернатро хатм кард. Бо холи баланд ба Донишгоҳи ҳуқуқшиносии Тошканд дохил шуд ва ифтихори деҳа гардид, зеро аз деҳаи онҳо шахсони ангуштшумор ба чунин бахт ноил мешуданд. Падараш ҳам аз оилаҳои барӯманди деҳа келин кардан мехост, вале Баҳодур вақте ки дар мактаб-интернат таҳсил мегирифт, ба як духтари шаҳрӣ ошиқ шуда буд. Он духтар ҳамон Нилуфари ба ҷон баробари ӯст. Аз ҳамин сабаб хоҳиши падарашро рад кард. Ҳамин ки ба курси чорум гузашт, бе ризогии падару модари худ бо Нилуфар издивоҷ кард. Баъд аз ҳамин Баҳодур ба деҳа, волидайнаш ба шаҳр барои дидорбинии ҳамдигар намерафтанд. Танҳо додараш Баҳром як бор омад ва гуфт, ки модарам бисёр азоб мекашанд. Аммо чӣ чора, тақдир чунин аст. Ҳоло Баҳодур дар Вазорати корҳои дохилӣ кор мекунад.

Дере нагузашта офтоби бахт ба рӯйи онҳо низ шӯълапошӣ намуд. Нилуфар гулписаре мисли Баҳодур ба дунё овард ва номашро Беҳрӯз гузоштанд. Бо ҳамин тамоми ғуссаи онҳо фаромӯш гардида, ҷояшро шодию фараҳ ишғол намуд. Азбаски Беҳрӯз пас аз интизориҳои зиёд ба дунё омада ва писари ягонаи падару модар буд, касе ба ӯ гапи сахт намезад. Беҳрӯз ба синни мактабӣ расид. Дар мактаб назар ба ҳамсинфон либосҳои қиматбаҳотар мепӯшид. Падараш ҳам ба ӯ пули бисёр медод ва ҳар чизе, ки маъқул мешуд, харид мекард. Вақте ки падараш ба ӯ телефони мобилӣ тӯҳфа кард ва ҳамааш аз ҳамин ҷо оғоз ёфт. Саводу дониш ва таълиму тарбияи ӯ рӯз аз рӯз коста мешуд. Бо ҳамон телефоне, ки падараш дода буд, расму видеоҳои беҳаёро тамошо мекард. Бо духтарони бегона соатҳои дароз гап мезад. Тавассути телефон дӯстони пасту касиф ва дузду ҷиноятткор пайдо мекард.

Ҳар боре, ки директори мактаб волидайни Беҳрӯзро ба ҷамъомади падару модарон даъват мекард, Баҳодур аз сабаби серкорӣ иштирок карда наметавонист ва дар маҷлис танҳо Нилуфар иштирок мекард. Директори мактаб аз паст шудани таълиму тарбияи Беҳрӯз ба Нилуфар шикоят кард ва илова намуд, ки ба таълиму тарбияи фарзандаш боэътибор бошад. Нилуфар ҳам оромона ин суханҳоро гӯш карда, ғайричашмдошт аз директор илтимос кард, ки аз гап шавҳараш хабар наёбад.

Баъд аз ин рафтори ношоистаи Беҳрӯз авҷ гирифтанд.

Ӯ шабҳо хона намеомад ва дар кӯчаву паскӯчаҳо ҳамроҳи “дӯстон”-аш мегашт. Бо чунин беодобию дарсгурезӣ мактабро ҳам хатм намуд. Акнун рӯзҳову ҳафтаҳо хона намеомад. Чанд бор падару модараш бо чашми гирён насиҳат карданд, аммо ӯ гӯш намекард. ҳамеша “уфф” гӯён аз назди онҳо баромада мерафт. Дар яке аз чунин шабҳо Беҳрӯз ва шариконаш маслиҳат карданд, ки барои ба даст даровардани пули бедардимиён ба яке аз мағозаҳои калони шаҳр ба дуздӣ дароянд.

Фурсати муносиб фаро расид. Се кас ҷониби мағоза раҳсипор гардиданд. Оинаро шикаста, аввал Беҳрӯз дохили мағоза шуд ва ҳамин дам касе ӯро маҳкам дошт. Он шахси номаълум муҳофизи мағоза буд. Беҳрӯз бисёр ҳаракат кард, аммо аз дасти муҳофиз раҳоӣ ёфта натавонист. Яке аз шарикон ҷуфтакро рост карда буд, дигаре намедонист чӣ кор кунад. Ӯ лаҳзае дар ҷояш шах шуда монд ва оқибат худро ба даст гирифта, дар як гӯша хиште дид. Хиштро гирифта ба сари муҳофиз зад ва аз зарби хишт муҳофиз ба замин афтид.

(Давомаш дар саҳ.7).

# ИНТИХОБИ КАСБ

*(Ҳикоя)*

Рӯзе омӯзгори ҷавоне дар гузаргоҳе устоди даврони мактабхониашро диду наздик рафт ва аз ӯ пурсид:

– Маро дар ёд доред?

– Бале, дар ёд дорам, бо чӣ кор машғул ҳастӣ?

– Ман омӯзгор ҳастам. Сабаби омӯзгор будани ман шумо ҳастед...

– Наход? Ку бигӯ, чӣ гуна ман сабаб шудам?

– Рӯзе Собир хушҳол ба дарс омад, дар даст соати зебое дошт. Ӯ соаташро аз даст бароварду дар таги миз гузошт. Ман ҳамеша орзу мекардам, ки чунин соати зебо дошта бошам. Тоқатам тоқ шуду соати ӯро пинҳонӣ гирифта дар ҷайбам гузоштам.

Вақте Собир соаташро наёфт, ба назди шумо гирякунон рафту гуфт: “Касе соатамро дуздидааст”. Шумо ба сӯйи мо нигоҳ карда гуфтед: “Касе соати Собирро гирифтааст, хоҳиш мекунам баргардонад”. Ман худро нороҳат ҳис кардам, аммо намехостам соат аз дастам равад, аз ин рӯ барнагардондам. Шумо дари синфхонаро маҳкам бастеду хоҳиш кардед, ки ҳама аз ҷо хезем ва чашмонамонро пӯшем, соатро пайдо мекунем. Мо аз ҷо хеста чашмонамонро пӯшидем. Шумо ба ҷайби ҳар кадоми мо даст халондед. Вақте соатро аз ҷайби ман ёфтед, ҷустуҷӯро давом дода, ҷайби дигаронро низ кофтед. Баъд гуфтед: “Акнун метавонед чашматонро кушоед”. Соатро ба соҳибаш баргардондеду дигар дар бораи ин моҷаро чизе нагуфтед. Он рӯз шумо маро дар назди ҳамсинфонам шарманда накардед. Нагуфтед, ки ман дузд, дурӯғгӯй ва бачаи бетарбия ҳастам.

Ин амали хуби шумо боис шуду ман ҳам касби омӯзгориро интихоб намудам.

Ҳар ду лаҳзае хомӯш монданд. Баъдан ҷавон аз устодаш пурсид:

– Вақте шумо маро дидед, он моҷаро ба ёд наомад?

Устод ҷавоб дод:

– Вақте ҷайбҳои шумоёнро мекофтам, чашмони ман низ пӯшида буданд...

**Самариддин САМАДӢ.**

# ӮРО ФАРОМӮШ НАМЕКУНАНД...

*Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,*
*Ки бар ҳиммати ӯст бунёди илм.*
*Агар дар дилат меҳри устод нест,*
*Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.*

Бале, шогирдон ӯро фаромӯш накардаанд ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд. Зеро муаллима барои насли наврас гоҳо мешуд, ки аз модарҳояшон бештар заҳмат мекашид. Дар мактаб, ки таълим медод, барои саводнокии шогирдон худро ҷавобгар меҳисобид. Пас аз мактаб бошад, дар маҳалла чун сарвари модарони деҳаи Шалғамон ба одобу ахлоқи фарзандони халқ, ниёзмандии оилаҳои ҷавон эътибори махсус зоҳир мекард. Аз ин рӯ, ӯро мардуми деҳ устоди устодон ва модари модарон мешинохтанд. Ба қарибӣ муаллима Ӯғулой Рустамова аз олами фонӣ ба дунёи боқӣ реҳлат намуд. Садҳо шогирдон дар ҷанозаи муаллима иштирок карда, то ба хонаи охираташ бо доғи дил гусел намуданд.

Ӯғулой Рустамова зиндагиномаи ибратбахше дошт. Аз ин рӯ, гапаш ба ҳама мегузашт. Ӯ 15-уми декабри соли 1946 дар деҳаи Хоҷа Аҳрори Валӣ ба дунё омадааст. Соли 1963 мактаби миёнаи рақами 16-уми ноҳияро дар ду манзил: нахуст шафати мадрасаи Нодир Девонбегӣ, сонӣ мактаби бунёднамудаи Усмон Самееви раису иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳон дар деҳаи Ӯрташ хатм намуд. Худи ҳамон сол донишҷӯи факултети механикаву математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд шуд. Соли 1967 фаъолияти омӯзгориро аз мактаби азизи худ – рақами 16 сар кард. Чун ситораи бахташ дар фазои осмони деҳаи Шалғамон дурахшид, ҷои кори худро аз мактаби рақами 16 ба мактаби рақами 21 кӯчонид. Аз соли 1978 то соли 2004 дар ҳамин мактаб ба фарзандони халқ аз дарси ҳисоб таълим дод. Баробари он аз соли 1980 то соли 2004 раиси кумитаи зан ва духтарони маҳаллаи Шалғамон буд. Дар чил соли фаъолияти омӯзгорӣ ӯро масъули комиссияи қабули ДДС, Донишкадаи тиҷорат интихоб менамуданд. Дар ин байн шогирдони бисёре пайрави омӯзгории ӯ гардидааст, ки Юлдуз Қамарова, Нилуфар Ҳамроева, Дилфуза Раҷабова, Ислом Нарзикулов, Нилуфар Асророва ва дигарон аз ҳамон ҷумлаанд.

Муаллима Рустамова борҳо ба депутатии Шӯрои деҳот интихоб гардидааст. Ӯ дар оила низ ҳамсари вафодор ва модари мушфиқи фарзандон буд. Ҳамроҳи шавҳараш шодравон Ҳамроқул Эргашеви муҳандис панҷ нафар фарзанд, 15 набера ва чор абераро таълиму тарбия додаанд. Фарзандони хонадон Ирода – шифокор (Худо раҳмат кунад!), Нодира – духтури занҳо, Солеҳ – кандакори чӯб, Ғолибҷон – устои мошин, Назира – муаллимаи математика пайрав ва номбардори волидайн гардидаанд.

**Ирода НОРБОЕВА,**
**директори мактаби рақами 21-уми**
**ноҳияи Самарқанд.**
**Нарзиддин ҚАМАРОВ,**
**раиси маҳаллаи Шалғамони**
**ноҳияи Самарқанд.**

# НАЙ – АСБОБИ МУСИҚИИ НАФАСӢ

*ё шарҳи се байти «Маснавӣ» дар иртибот бо ин асбоб*

(Аввалаш дар саҳ.5).

Най аз кӣ ё аз чӣ ҷудо шуд? Ҷавоби суол дар поёнтари навишта. Метавон гуфт, ки най тани инсони ориф ё Одам аст. Бино ба ривояти динии Худо вақте нахустодамро дар биҳишт офарид, хост барои зинда кардан, як пора ҷонашро дар пайкари гилии ӯ бидамад. Ҷон ба тани гилӣ роҳ намеёфт. Худо найеро аз найистон бибриду най сохт ва бинавохт, ҷон ба пайкари Одам ворид шуд ва пайкари гилӣ ба ҳаракат даромад. Худо дертар, бино ба дархости Одам, Ҳавворо халқ кард ва барои имтиҳони вафову садоқат онҳоро аз хӯрдани меваи биҳишт (дар Инҷил номи он мева себ аст, дар Қуръон — гандум) манъ кард. Аҳди дуруст баста шуд.

Худо ҳар он чӣ шифоҳӣ мегуфт, Одам ёддошт мекард. Вале фариштагон ин хусусиятро надоштанд. Бинобар, Худо аз фариштагон дархост намуд, ки дар пеши ин офаридаи ӯ — Одам сари таъзим фуруд оранд. Ҳамаи фариштаҳо сари таъзим фуруд оварданд, илло сардори фариштагон — Шайтон. Худо сабаби саркашии Шайтонро пурсид. Гуфт:

— Ту Одамро аз гили сиёҳ офаридӣ, ман мавҷуди қудсӣ — фариштаям. Бинобар, нахостам дар пойи гили сиёҳ сари таъзим фуруд оварам.

Худо Шайтонро аз биҳишт ронд. Шайтон тасмим гирифт, ки як умр офаридаи Худо — Одамро аз роҳ хоҳад зад. Зеро ба туфайли ӯ аз биҳишт ронда шуд...

Шайтон дигар ҳуқуқи ворид шудан ба биҳиштро надошт. Вай рӯзе дар сурати мор вориди биҳишт гардид. Дид, ки Ҳавво гирди хӯшаи гандум мегардад. Гуфт:

— Чаро ин меваро, ки беҳтарини меваҳои биҳишт аст, намехӯред?

Ҳавво гуфт:

— Худо хӯрдани онро ба мо манъ кардааст. Мо ваъда додаем, ки хилофи гуфтаи ӯ амал намекунем.

Шайтон гуфт:

— Худо шуморо фиреб додааст. Ин меваро хосияти зиёдест. Агар шумо онро хӯред, мисли Худо соҳиби қудрат, халлоқ ва донандаи асрори азалу абад хоҳед шуд. Худо нахостааст, ки шумо мисли ӯ бошед. Бинобар, хӯрдани онро манъ кардааст.

Ҳавво ба доми найранги Шайтон афтид ва порае аз гандумро мехӯрд, ки Одам пайдо шуд. Ҳавво гуфтаҳои морро ба ӯ такрор кард ва Одам низ порае аз гандум бихӯрд.

Одаму Ҳавво миёни аҳду паймон шикастанд, аз имтиҳон нагузаштанд ва аз ватани аслӣ — биҳишт ронда шуданд.

Худо гуфт, ки шумо дар биҳишт зиндагии бароҳат доштед ва дар бемаргӣ ба сар мебурдед, дигар бо araқи ҷабин рӯзӣ хоҳед ёфт ва марг бароятон муқаррар аст, паймонаатон, ки пур шуд, амонати дода — ҷонро хоҳам гирифт.

Ва ин ҷон аз рӯзи ҷудо шудан аз вуҷуди Ҳақ ва ватани аслӣ (биҳишт) дар нолаву фарёд аст. Най — тани Одам, дам — рӯҳи нолонест дар он. Рӯҳ — амонат ба вуҷуди Ҳақ пайвастанист. Нолаҳои ӯ аз ин ҷост:

*Аз найистон то маро бибридаанд.*
*Дар нафирам марду зан нолидаанд.*

Аз найистон — биҳишт вақте маро ҷудо карданд — бибриданд, бонгу фарёдам баланд шуд, аз нафирам — бонгу фарёдам марду зан ба нола даромаданд, яъне ҷудоӣ аз асл — найзор ё биҳишт барои най — Одам гарон афтода буд. Воқеан, нолаҳои най гоҳо басе ҷонгудоз аст. Мавлавӣ дар идомаи ин абёт меафзояд:

*Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Ин байт ишора ба ҳадиси Расули акрам низ ҳаст, ки фармуда: «Ҳар чиз ба асли худ баргарданда аст». Мо дар байти болоӣ шоҳиди он гардидем, ки най мисли мавҷуди зинда — одам шикоят ва ҳикоят мекунад ва ӯ ба асли худ — найистон баргаштанист. Амонати Худо — рӯҳ низ аз пайкари най — Одам (ё ориф) берун омада, ба асли худ — биҳишт, ки вуҷуди Ҳақ он ҷост, баргаштанист. Ин буд натиҷагирии инҷониб аз се қатраи як баҳри бекарон — «Маснавии маънавӣ».

**А. СУБҲОНОВ.**

# БУЗУРГОН ДАР БОРАИ САНЪАТ ВА ЭҶОД

Вуруд ба рӯшноӣ асоси санъатро ташкил медиҳад.
**Адам Митскевич.**

Санъат на нусхабардории табиат, балки ифодагари он аст.
**О. Балзак.**

Касе, ки лаззати эҷодро таҷриба кардааст, пеши ӯ дигар лаззатҳо вуҷуд надоранд.
**А. Чехов.**

Ба боло баромадан сахту душвор ва ба куллаи таърих ёфтан азиятовар аст. Бе ранҷу душворӣ ман садои мусиқиро намешунавам. Ранҷу темор ва шиддат ба мусиқӣ имкон медиҳанд, ки садо баланд кунад.
**Антуан де Сант Экзюпери.**

Вақте ман мусиқӣ меофарам, онро ҷудо аз ғоя тасаввур кардан наметавонам.
**Бенҷамин Бриттен.**

Ҳамаи анвои санъат ба санъати олитарин — санъати зистан дар рӯйи замин хидмат мекунад.

Вақте одамигарӣ бимирад, санъат низ бимирад. Паси ҳам овардани чанд сухани зебо ҳанӯз санъат нест.
**Бартолд Брехт**

Тарҷума ва таҳияи **Т. ҲУСАИНОВА.**

# ДАР БУХОРО МАРКАЗИ ЗАБОНИ АРАБӢ ВА ХАТТОТИИ «АЛ-МАНАР» КУШОДА ШУД

***Дар доираи Ҳафтаи байналмилалии сайёҳии зиёратӣ дар Бухоро маркази забони арабӣ ва санъати хаттотии исломӣ «Ал-Манар» ифтитоҳ ёфт.***

Дар чорабинӣ шахсони масъули идораҳои дин, коршиносон ва мутахассисони созмонҳои ҷаҳонии сайёҳӣ, соҳаи туризм, намояндагони аҳли ҷомеа, васоити ахбори омма, донишҷӯёни муассисаҳои таълими динии вилоят, арбобони динии исломӣ, намояндагони ҷомеаи илмии Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони саудӣ, Куриё, Малайзия, Индонезия ва дигар кишварҳо иштирок намуданд.

Хаттотӣ дар кишварҳои Шарқ ҳамчун як самти алоҳида то ба сатҳи илм бардошта шуд. Баъди аз тарафи халқҳои Осиёи Миёна қабул шудани дини ислом хатти арабӣ низ ба ин ҷо омад. Дар натиҷа хатти қадимаи уйғурӣ, ӯрхун-энасойӣ, суғдӣ ва хоразмӣ, ки дар байни мардум дар ин ҷо паҳн шуда буд, тадриҷан аз истеъмол баромада, ба ҷои онҳо дар охири асри VII дар ҳуҷҷатҳои расмӣ хатти арабӣ ба истифода даромад. Ба азхудкунии он диққати ҷиддӣ дода шуд.

То пайдо шудани чопи китоб дар Осиёи Миёна хаттотон ба тайёр кардани китобҳои дастнавис, зиёд кардани нусхаи онҳо ва аз нав навиштани матнҳо машғул буданд. Ҳар як асари онҳо ба мисли як асари ҳақиқии санъат менамуд. Дар баробари ин он мунтазам инкишоф меёфт, мактабҳои гуногуни хаттотӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар чорабинӣ дар бораи таърихи мактаби хаттотии Бухоро, нақши маркази «Ал-Манар», ки имрӯз ба фаъолият оғоз кардааст ва дурнамои он сухан рафт.

Мактаби хаттотии Бухоро, ки дар асри XVI аз тарафи хонони сулолаи Шайбониён асос гузошта шуда буд, ба шарофати намояндагоне чун Мир Алии Хиравӣ, Мир Убайди Бухорӣ, Мир Хусайни Кӯланки Бухорӣ, Саййид Абдуллоҳи Бухорӣ, Хоҷӣ Ёдгор, Пирмуҳаммади Суфии Бухорӣ, Мирзо Бухорӣ, Султон Муҳаммади Бухорӣ, Абдураҳмон Барқии Муншӣ, Иноятилло Котиб, Мирзо Абдураҳмон, Фозил Девона, Аҳмад Дониш, Абдулфаттоҳхон Мирзо Маҳдихон шуҳрат ёфтааст.

Дар рафти чорабинӣ маросими тантанавии мукофотонидани ғолибони озмуни хаттотӣ, ки дар доираи ҳафта баргузор гардид, ба амал омад.

Иштирокчиён имкон пайдо карданд, ки бо фаъолияти марказ ва намоишгоҳи «Санъати кандакорӣ ва хаттотии исломӣ» шинос шаванд.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарипов иштирок кард.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА “ШОҲНОМА”-И Ӯ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.5).

Барои тадқиқ, тарҷума ва интишори осори адибони порсигӯй дар Ӯзбекистон ин донишманд аз ҷониби ҳукумати Эрон бо ҷоизаи ба номи Фирдавсӣ сарфароз гардонида шудааст.

Нашру тарғиби “Шоҳнома”и Фирдавсӣ ва панду андарзҳои ҷудогонаи он низ ҳамеша дар мадди назари донишмандон ва адибони Ӯзбекистон қарор дорад. Аз ҷумла дар чанд маҷмӯаи адабии дастҷамъӣ, китобҳои панду андарзи байтҳои пурҳикмат аз “Шоҳнома” низ ҷой дода шудааст.

Мардуми мо аз азал барои камолоти насли наврас, соҳиби ахлоқу одоби накӯ, дорои фазилатҳои хоси инсонӣ гардидани фарзандонашон, кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд.

Дар рӯзҳои мо анҷуманҳои “Шоҳномахонӣ” дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва донишгоҳҳои Самарқанд, Термиз ва Фарғона мунтазам гузаронида мешаванд. Дар маҳфилҳои адабӣ адибон ва донишмандон бо мулоҳизаҳои худ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Фирдавсӣ ва мавқеи «Шоҳнома»-и ӯ дар адабиёти ҷаҳон мубодилаи афкор менамоянд, дар рӯзномаю маҷаллаҳо гузоришу мақолаҳои илмии онҳо интишор мегардад. Чунин анҷуман соли 2005 дар толори пуршукӯҳи “Маркази ҷавонон”-и Самарқанд бо иштироки Сафири Эрон дар Ӯзбекистон Муҳаммад Фатҳалӣ ва ба олимону адибони Эрон баргузор шуда буд.

Дар маҳаллаи Панҷоб, ки яке аз маҳаллаҳои қадимаи шаҳри Самарқанд мебошад, чанд аср муқаддам эрониён маскан гирифта, дар ин маҳалла масҷиду мадраса низ бунёд карданд, ки ҳар ду ҳоло низ арзи вуҷуд доранд. Маркази фарҳангии эрониён ин Самарқанд низ дар ҳамин ҷост.

Ёд дорам, Раисҷумҳури Исломии Эрон Ҳошимии Рафсанҷонӣ ҳангоми ташрифи худ дар Самарқанд бо ҳамроҳии Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар ин маскан шуда, бо мардуми ин маҳалла мулоқот ороста буданд. Ва ҳамон вақт пешниҳод шуда буд, ки ба ин кӯча номи Фирдавсӣ дода шуда, дар ин мавзеъ муҷассамаи ӯ гузошта шавад.

Ба қарибӣ бо назардошти Раисҷумҳури имрӯзаи Ӯзбекистон, инсони равшанзамир ва маърифатпарвар, ҷаноби Шавкат Мирзиёев дар мавзеи Панҷоби қадимаи Самарқанд, дар кӯчаи ба номи Фирдавсӣ майдони Фирдавсӣ бунёд гардида, дар он муҷассамаи шоири бузург гузошта шуд. Маросими кушоиши пайкара ва майдон бо иштироки роҳбарони шаҳру вилоят ва аҳли ҷамоатчигӣ хеле пуршукӯҳ буд. Дар девори мармарини паҳлӯи пайкара шоҳбайтҳои ҳикматомез аз “Шоҳнома”-и безавол бо ҳарфҳои заррин сабт гардидаанд. Фикр мекунам, дар ин майдон минбаъд низ базмҳои Шоҳномахонӣ мунтазам баргузор мешаванд.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# «ҲАР ЧӢ КОРӢ, ҲАМОН ДАРАВӢ»

(Аввалаш дар саҳ.6).

Беҳрӯз, ки нав аз дасти муҳофиз раҳоӣ ёфта буд, раги гардани ӯро дошта дид ва ба шарикаш нигоҳ карда гуфт, ки ӯ мурдааст. Бо шунидани ин сухан шарики дувум ҳам ғайб зад. Акнун Беҳрӯз танҳо монда буд. Бо роҳи даромадааш оҳиста аз мағоза берун шуд ва бо ду даст сарашро маҳкам дошта, як суханро такрор мекард: “Ман чӣ кор кардам?”.

“Ист!” Ин сухан Беҳрӯзро андаке ҳушёр кард ва дид, ки аз худ дуртар нозире бо шитоб назди ӯ меояд, вале дар торикӣ рӯйи якдигарро дида наметавонистанд. Беҳрӯз аз тарс роҳи гурезро пеш гирифт, аммо намедонист, ки он нозир падараш буд. Нозир ҳам дид, ки “қотил” фирор мекунад, аз паси ӯ аз таппончааш ба ҳаво тир кушод, вале Беҳрӯз наистод. Ӯ қадамҳояшро тезтар кард. “Ист, набошад мепарронам!” Ва садои тир боз баланд шуд. Ин дафъа тир тани Беҳрӯзро сӯрох карда буд. Беҳрӯз рӯ ба замин афтод. Баҳодур, яъне нозир назди “ҷинояткор” омаду ӯро якпаҳлу кард ва бо кадом чашм бубинад, ки ӯ ҷигарбандаш, писари яккаву ягонааш Беҳрӯз буд. Таппончааш аз даст афтиду болои сари писараш дузону нишаст ва сари ӯро болои зонуяш гирифт. Баҳодур дигар ёрои ҳарф задан надошт. Фақат ба ӯ гуфт, ки ту чаро ин корро кардӣ? Беҳрӯз, ки аз даҳонаш хун меомад, бо як азоб сухани охиринашро гуфт: “Падарҷон! Маро бубахшед” ва дар сари зонуи падар ҷон дод.

Қариби субҳ буд, ки Баҳодур ва ҳамкасбонаш ҷасади Беҳрӯзро хона оварданд. Нилуфар, ки интизори онҳо буд, ҷасади беҷони писарашро дида, ба ҷойи он, ки гиря кунад, қоҳ-қоҳзанон механдид. Аввал зери лаб, баъд бо садои баланд такрор мекард, ки “Писари ман намурдааст, Беҳрӯзҷони ман ҳозир меояд”. Баҳодур фаҳмид, ки Нилуфар аз ақл бегона шудааст ва ӯро дар оғӯш гирифту гиря кард. Ҳамон рӯз Баҳодур бо оҳу фиғон хабари марги писарро ба волидайн расонд. Пагоҳии барвақт падару модар ва бародараш Баҳром ҷониби шаҳр раҳсипор шуданд. Дарро Баҳодур бо чашмони ашколуд ба рӯйи онҳо кушод. Ҳама якдигарро оғӯш гирифта гиря мекарданд. Дар дохил Нилуфар сарашро ларзонда зери лаб чизе мегуфт, ки аз афту андоми ӯ девонагиаш маълум буд. Ҳамин дам ба телефони мобилии Баҳодур аз рақами ношинос касе занг зад. Баҳодур телефонашро бардошту садои марде баланд шуд: “Лаънат ба ту барин падар, ки ба писарат чунин тарбия додӣ. Писарат як ҳафта пеш духтари маро фиреб дода, ба номуси ӯ таҷовуз кардааст.” Бо шунидани ин сухан дили Баҳодур сих заду ба замин афтод. Падараш ба Баҳром фарёд зад, ки “об биёр!”. Дасти чапи Баҳодурро падар ва дасти росташро модараш маҳкам дошта гиря мекарданд. Баҳодур ба ҳарду нигариста гуфт: “Аз ман розӣ шавед. Ба ҳамааш худам сабабгор, «Ҳар чӣ корӣ, ҳамон даравӣ» гуфтаанд”. Падару модар “мо ҳозир бор розӣ” гӯён ӯро оғӯш гирифтанд ва Баҳодур дар оғӯши волидайнаш ҷон ба ҷонофарин супурд. Бародараш Баҳром, ки зарфи об дар даст ҳангу манг меистод, марги бародарашро дида, коса аз дасташ афтид ва худро рӯйи ҷасади бародараш партофт. Фиғону нолаи ӯ гӯё гӯши фалакро кар мекард...

Он рӯз Баҳром бо падараш маслиҳат карда, ба хулосае омаданд, ки Нилуфарро ба шифохонаи бемории рӯҳ баранд ва ҷасади Баҳодуру Беҳрӯзро ба қабристони деҳа, назди қабри бобояш ба хок супоранд. Баҳром бо гиряву нолаи ҷонкоҳ тобути бародару додарзодаашро сари китф бардошта, ба манзили охирин мебурд. Ҳамон бародаре, ки дар айёми хурдӣ ӯро дар пушташ гирифта мегашт ва ҳозир буд, ки барои ӯ ҷонашро диҳад.

**Зикруллои ЗУБАЙДУЛЛО,**
**донишҷӯйи ДДС.**

*Ганҷи ороста*

# МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

*Бо мо на ғурурест, на фарре, на кулоҳе,*
*Хокем ба зери қадами хеш нигоҳе.*
*Он ҷо, ки қаноат кунад эҷоди тасалло,*
*Гарм аст сари кӯҳ ба зери пари коҳе.*
*Бар давлати пиндор нанозам, чӣ хаёл аст,*
*Хобида ба ҳам бахти мани чашмсиёҳе.*
*Бар сад чамани ҳастиям афсонаи ноз аст,*
*Хоби адами сояи мижгони нигоҳе.*
*Эй пардаи дил, то чӣ кашад саъйи тааммул,*
*Чун хома зи нолам расане ҳаст ба ҷоҳе.*
*Ё Раб, ту таносоии ҷаҳдам написандӣ,*
*Мехонадам афсуни нафассӯхта гоҳе.*
*З-ин даст сабукнозии фурсат бидамонид,*
*Гарде, ки тавон баст ба пешонии оҳе.*
*Охир чу ғубори нафас аз ҳарзадавиҳо,*
*Рафтем ба боду нанишастем ба оҳе.*
*Гарди тарӣ аз ҷабҳаи шабнам натавон бурд,*
*Дар ойинаи мо араҷе карда нигоҳе.*
*Бедил шудаму растам аз аҳволи таъайюн,*
*Ойина шикастан ба бағал дошт кулоҳе.*

***

*Маҳв будам, ҳарчи дидам дӯш, донистам туӣ,*
*Гар ҳама мижгон кушуд оғӯш, донистам туӣ.*
*Ҳарфи ғайрат роҳ мезад аз ҳуҷуми мову ман,*
*Бар дари дил то ниҳодам гӯш, донистам туӣ.*
*Мушти хоку ин ҳама сомони ноз эъҷози кист?*
*Беш аз ин бо ман ғалат мафрӯш, донистам туӣ.*
*Нест сози ҳастиям танҳо далели ҷилваат,*
*Бо адам ҳам гар шудам ҳамдӯш, донистам туӣ.*
*Маҳрами рози ҳаё ойинадори дигар аст,*
*Ҳарчи шуд аз дидаҳо рӯпӯш, донистам, туӣ.*
*Ғафлати рӯзи видоам аз хиҷолат об кард,*
*Ашк мерафту мани беҳуш донистам туӣ.*
*Бедил, имшаб сайри оташхонаи дил доштам,*
*Шуълаеро ёфтам хомӯш, донистам туӣ.*

*Мусоҳибаи мо*

# МУШКИЛОТИ ОБ – МУШКИЛОТИ ҲАМАИ МО



***Масъалаҳои рӯзмаррае ҳастанд, киояндаи мо ба он вобастагии қавӣ дорад. Мо дар ҳар як фасли сол бо мушкилоти табиӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки ҳаллу фасли он муборизаи дастаҷамъонаро талаб мекунад. Суҳбати мо бо мутахассиси Маркази захираи ахбор-таҳлили Вазорати хоҷагии об Гӯзал АЛИМОВА доир ба яке аз мушкилоти ҷаҳонӣ — об, истифодаи самарабахш ва ҳифзи он баргузор шуд.***

**– Ҳоло дар чандин мавзеъи мамлакатамон ва ҷаҳон низ мушкилоти об ба назар мерасад. Хавфу хатари чунин мушкилот дар оянда ба кадом соҳаҳо соя меафканад?**

– Сол аз сол шумораи аҳолии рӯйи Замин зиёдтар мегардад, ки талабот ба об низ мисли чунин зиёдшавӣ мебошад. Ва ин сабаби асосии норасоии об мегардад. Оби тозаи нӯшокӣ 3 фоиз оби рӯйи заминро ташкил медиҳад, ки барои таъмини одамон басанда аст. Аммо дар минтақаҳо тақсимоти он гуногун аст. Тақрибан 60 фоизи рӯйи Замин минтақаҳое мебошад, ки оби тозаи нӯшокӣ тамоман вонамехӯрад, ё ки рафта расидани он душвор аст. Олимон натиҷа гирифтаанд, ки 36 фоиз захираи оби кӯлу дарёҳо ба ҳисоби қитъаи Осиё рост меояд ва азбаски 60 фоиз аҳолии дунё низ дар ҳамин қитъа умр ба сар мебарад, ки сабаби норасоии оби ошомиданӣ низ ҳамин аст.

Баробари ҳамин, боришот низ баробар тақсим намешавад. Дар баъзе минтақаҳо он чунон зиёд мешавад, ки дар натиҷа обхезиҳо рӯй медиҳад. Аҳолии баъзе минтақаҳо бошад, солҳои сол аз боришот маҳруманд. Ҳоло натиҷа гирифта шудааст, ки 80 фоиз касалиҳои сирояткунанда ба сифати об вобаста аст.

Гоҳо нисбат ба об чунин муносабат мекунанд, ки гӯё захираҳои он тамомнашаванда аст. Партовҳои беназорати корхонаҳои саноатӣ низ мувозинати экологии обанборҳоро вайрон мекунад. Дар натиҷаи ба об андохта шудани партовҳои заводу фабрика, корхонаҳои саноати кимиё ҷонзодҳои дарёву кӯлҳо нобуд мегарданд.

Созмонҳои байналхалқӣ огоҳ кардаанд, ки пас аз даҳсолаҳо аз нисф зиёди аҳолии рӯйи Замин аз имконияти истифодаи оби босифат маҳрум мегарданд...

Мисли оби рӯйи Замин обҳои зеризаминӣ низ бояд аз ифлосшавӣ ҳифз карда шавад. Албатта, ҳифз ва нигоҳдошти он қатори боигариҳои табиии зеризаминӣ таҳти назорати ташкилотҳои давлатӣ мебошад. Аз чунин об фақат барои истеъмоли он рухсат дода мешавад. Кофтуков, таҳқиқ ва кандани чоҳҳо бо рухсати ташкилотҳои дахлдор амалӣ мешавад. Ифлосшавии захираҳои об ин тағйирёбии хусусиятҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологии он мебошад, ки истифодаи он нафақат ба одамон, ба иқтисодиёти мамлакат низ хатар эҷод менамояд. Лой, қум, чанг, маҳлули радиоактив, хокистар низ сабаби вайроншавии таркиби об шуда метавонад. Аз норасоӣ ва ифлос гардидани об аввало олами наботот ва ҳайвонот зарар дида, ҳатто несту нобуд мегардад. Агар чунин мушкилот пешгирӣ нашавад, истеъмоли маҳсулоти баҳрӣ пас аз 40-50 сол имконнопазир мегардад.

**– Табиист, ки ҳеч мушкилот худ аз худ пайдо намешавад. Сабабҳои ба вуқӯъ оваранда ва оқибатҳои манфии он низ вуҷуд дорад. Солҳои охир мафҳуми «саҳрошавӣ» бештар назаррас шуд. Оиди омилҳои пайдошавӣ, оқибат ва бартарафсозии саҳрошавӣ чӣ гуна маълумот дода метавонед?**

– Мафҳуми «саҳрошавӣ» маънои деградатсияи замин – инқирози заминро дорад. Саҳрошавӣ низ бо тағйироти иқлим вобаста аст. Баъзан пас аз офатҳои табиӣ ҷараён мегирад. Талафоти он ба сайёраи мо гарон меафтад. Дар давоми 60 соли охир истифодаи захираҳои табиӣ, фаъолияти бесамар дар хоҷагии қишлоқ ва тағйироти иқлим омили асосии саҳрошавӣ гардид. Дар натиҷаи саҳрошавӣ нестшавии об, олами ҳайвоноту наботот ва эрозияи хок ба вуҷуд меояд. Дар минтақаҳое, ки саҳрошавӣ ба вуқӯъ меоянд, нафақат душворзистӣ, балки кӯч бастани оммавии аҳолӣ низ рӯйи кор меояд. Азбаски қисми асосии аҳолии Ӯзбекистон дар деҳаҳо умр ба сар мебарад, аз тарафи ҳукумат барои пешгирии саҳрошавӣ чораҳои зиёд андешида мешавад. Аз нав бунёд кардани ҷангалзор, ба амал татбиқ гардидани лоиҳаи «Макони сабз» дар ҳамаи мавзеъҳои мамлакат, имкониятҳои васеъ фароҳам овардан барои кишоварзону соҳибкорон аз зумраи чунин чорабиниҳо мебошад. Барои ин кишоварзону чорводорон бояд илми заминпарварӣ ва хокшиносиро хуб азбар намуда, ба он амал намоянд.

**– Имрӯз аз ҳолати баҳри Арал, зарари он ба гирду атроф ва сиҳатии инсон ҳар яки мо хабардорем. Ҳоло оқибатҳои манфии он чӣ гуна эҳсос мегардад? Нақши созмонҳои байналхалқӣ дар ҳаллу фасли ин мушкилот чӣ гуна аст?**

– Баҳри Арал асосан дар ҳудуди Ӯзбекистон ва Қазоқистон ҷойгир буда, яке аз баҳрҳои калон ба шумор мерафт. Сатҳи оби он аз солҳои 50-60-уми асри гузашта кам шудан гирифт. Азбаски дараҷаи шӯрии оби баҳр баланд аст, бо камшавии об нишондоди шӯрӣ боз баландтар гардид. Чанг, намак ва қуми баҳр ба гирду атроф паҳн шуда, ба саломатии аҳолӣ бештар таъсир мерасонад. Дар давоми солҳои 1960-1980 баҳр ҳаҷми аз нисф зиёди худро гум кард. Моҳиҳои сазан, барбел тамоман несту нобуд шуд, ки дар натиҷа заводҳои консерв, ки ҳазорҳо нафарро бо кор таъмин менамуд, қатъ гардид. Кӯтоҳ гардидани ҳудуди баҳр яке аз сабабҳои гармшавии зимистону тобистони маҳал дар фаслҳои сол гардид.

Ҳукумати кишварамон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои шароити нисбатан мусоид офаридан дар ҳудуд ва гирду атрофи баҳри Арал эътибори созмонҳои байналхалқиро ба ин мушкилоти глобалӣ нигаронад. Аз тарафи Вазорати рушди инноватсионӣ бо ҳамкории Бонки рушди ислом, Созмони озуқаворӣи СММ, Платформаи байналхалқӣ оиди таълим ва таҳқиқи масъалаҳои хушксолӣ, Оҷонсии рушди байналхалқии ИМА ва барномаи рушди СММ форуми бисёрсоҳавӣ баргузор намуданд.

Вазорати хоҷагии об бошад, дар чорабиниҳои аз хориҷ ҷалб кардани сармоягузорону донорҳо ва корҳое, ки дар ин соҳа амалӣ мешаванд, фаъол иштирок менамояд.

**– Барои бештар дарёфтани натиҷа насли наврасро бо маълумотҳо оиди нақши об дар ҳаёти одамон, ҳайвонот ва наботот, таҷрибаи хориҷиён оиди истифодаи оқилона аз об ва ҳифзи он шинос намоем. Ҳоло дар ин бобат аз тарафи вазорат чӣ гуна корҳо амалӣ мешаванд?**

– Дар барномаҳои таълимии мактаби миёна ва томактабӣ фанҳои табиӣ мисли табиатшиносӣ, география, кимиё, физика хононда мешавад. Аммо ҳоло замони он расидааст, ки насли наврас бо мафҳуми нақши об дар ҳаёти инсон, ҳолатҳои табиии фавқулода, тағйироти иқлим, ба вуҷуд омадани бемориҳои сирояткунанда аз наздик шинос бошанд. Чунин масъалаҳо ва чорабиниҳои зиёд аз барномаҳои вазорат ҷой гирифтаанд.

Аз ҷониби вазорат барои шавқманд гардондани насли наврас оиди эҳёи табиат роликҳои иҷтимоӣ омода намуда, тариқи телевизион ба намоиш гузошта мешавад. Оиди масъалаҳои номбаршуда дар муассисаҳои таълимӣ вохӯриҳо баргузор мешаванд.

Мусоҳиб
**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Манзараҳои маънавӣ*

# ТИЛОВАТ ЧӢ ТАВР ФИЛМОФАРОНРО АЗ ГУРУСНАГӢ НАҶОТ БАХШИД

Дар байни актёрон низ ҳофизони Қуръон будаанд, бо вуҷуди он ки идеологияи шӯравӣ ба ин роҳ намегузошт ва диндорон сахт таъқиб мешуданд. Замоне буд

ҳатто ба таъзияравӣ, дар хонае, ки мусибат рӯй дода ё дар сари қабр хондани оят хатар тавлид месохт. То имкон будан пинҳонӣ ба амал бароварда мешуданд амалҳои исломӣ.

Мегӯянд, актёри номӣ, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Сайфӣ Олимов, ки солҳои зиёд дар Театри миллӣ (собиқ ба номи Ҳамза) нақшҳо бозида, мавридҳое, ки шароит тақозо мекунад, сураҳо қироат мекард. Вай, зимнан, дар драмаи «Алишер Навоӣ» нақши устод Ҷомиро бо маҳорати том бозида, чун «Мавлоно Ҷомӣ» низ замонҳое вирди забонҳо будааст. Падари актёрро Олимқорӣ мегуфтанд. Худи ӯро, ки дар асл Сайфиддин ном дошт – Сайфиқорӣ. Чаро? Барои он, ки падару писар, мувофиқи гуфтаҳо, сӣ пора Қуръони Каримро аз ёд медонистаанд ва қироат мекардаанд.

Дар нимаи дувуми солҳои ҳаштодум ба озодии эътиқоди динӣ роҳ кушода шуд. Аз телевизион низ қироати қориён ба гӯш мерасид. Барномаеро тамошо кардам, ки ба фаъолияти эҷодии овозхони машҳури эстрадӣ Фаррух Зокиров бахшида шуда буд. Суолу ҷавобҳои қобили таваҷҷӯҳ. Бо иҷозаи мухбир як маҳал овозхон ба қироати яке аз оятҳои Қуръон шурӯъ сохт, ки касе чашмдор набуд. Чӣ тиловати хушгувор!

Соли 1994 дар Хонаи кинои ҷумҳурӣ ёдбуди яке аз асосгузорони синамои ӯзбек Набӣ Ғаниев баргузор гардид. Санъаткорон, алоқамандони соҳа дар бораи ин симои намоёни ҳунар хотираҳо нақл карданд. Дар поёни чорабинӣ калонсолтарин иштирокдор Машраббобо Юнусов (1909-1997) бахшида ба рӯҳи Набӣ Ғаниев, ки ӯро устоди азизи хеш мешумурд, қуръон хонд. Он асно қироат дар ҷойҳои ҷамъиятӣ аллакай як ҳодисаи оддӣ шуда, қуръонхонҳо низ кам набуданд.

Дар телефилми «Хазинаи Улуғбек» нақши Низомиддин Хомушро бозидааст. Иҷрои роли уламои асри XV нафақат ба актёрӣ, балки ба оне ҳам, ки аз фиқҳ бохабар аст ва бо овардани иқтибосҳои динӣ бо ҳар гуна мавло баҳс карда метавонад, осон набуд. Вале М. Бобоев аз ӯҳдаи иҷро ба хубӣ баромад. Вай таълимгирифтаи яке аз мадрасаҳои Қӯқанд буд. Пораҳои зиёд аз қуръон ҳифз намуда ва шеваю гуворо оятҳо мехонд.

Вақте номи коргардон Набӣ Ғаниев ва актёр Машраб Бобоев зикр гашт, дар навбати аввал кинофилми машҳури «Тоҳир ва Зуҳро» (1945) пеши назар меояд. М. Бобоев дар ин картина нақши Ҳофизро бозидааст.

Умуман, кулли нақшофарон дар ин филм баъдтар «ситорагони санъати кино» шуданд, ки номашон ба ҳар яки мо ҳанӯз шинос: Юлдуз Ризоева, Ғулом Аълоев, Асад Исматов, Шукур Бурҳонов, Раззоқ Ҳамроев, Обид Ҷалилов, Соат Толибов, Зебо Ғаниева, Лола Бадалова, Саъдӣ Табибуллоев, Ҳикмат Латипов, Раҳим Пирмуҳамедов...

Дар ҷараёни ба навор гирифтани филми «Тоҳир ва Зуҳро» як воқеаи аҷиб рӯй дод, ки онро иҷрокунандаи яке аз нақшҳо М. Юнусов гоҳ хандида-гоҳ ҷиддӣ, ба ҳамзамонҳо нақл мекард.

Вохӯрии Тоҳир ва Зуҳроро дар ҳавлии Институти астрономии Тошканд, ки боғи дилкушоро мемонд, ба навор бардоштанд. Аммо барои Тоҳирро ба сандуқ гузошта, ба дарё андохтан «фон» мавҷуд набуд. Соҳили Бӯзсув ба дарё монанд не. Бинобар ҳамин Набӣ Ғаниев қарор кард саҳна дар соҳили дарёи Чирчиқ ба сурат гирифта шавад.

Якчанд мошини «полуторка» артистон, кинооператорҳо, коргарони саҳна, ускунаҳои кино, айни замон дегу табақ, кӯрпаву болинҳоро ба як майдони кушоди назди кӯпруки ҳозираи Хумсон кашонданд. Коргарони саҳна ба омодасозии декоратсия шурӯъ сохтанд. Баъди ду рӯз саворае, ки ҷониби яке аз деҳаҳои кӯҳӣ мерафт, гуфт, ки кӯпрукеро, ки болои Чирчиқ устувор буд, сел бурд ва ба Тошканд алоқа канда шуд.

(Давомаш дар саҳ.8).




# ТИЛОВАТ ЧӢ ТАВР ФИЛМОФАРОНРО АЗ ГУРУСНАГӢ НАҶОТ БАХШИД

(Аввалаш дар саҳ.7).

Чӣ бояд кард? Ҷанг нав тамом шуда, шароит ҳанӯз вазнин – барои бо тезӣ барқарор сохтани кӯпрук имконият нест.

Синамогарон таваккал гӯён корро давом доданд. Вале баъде чанд рӯз гузашт, халтаҳои озуқа холӣ шуданд. Наздик ба сад нафар «мусофир» гуруснагӣ таҳдид мекард.

Ба деҳаҳои наздик рафта, вазъиятро фаҳмондан хостанд, вале аҳолии маҳаллӣ худро аз артистони тошкандӣ мегурезонд. Зумрае фикр мекард, артистон – бешарму ҳаё, дур истодан маъқултар. «Тоҳиру Зӯҳро»-чиён торафт беҳол мешуданд, кумак пурсидан аз аҳолии маҳаллӣ натиҷа надод.

Дар байни филмофарон Эргаш Каримов низ буд, ки мо ӯро аз рӯи нақшҳояш дар саҳначаҳои ҳаҷвӣ-миниатюрӣ ва филмҳои мазҳакавӣ мешиносем. Ҳайрон нашавед, ки ҳамзамони мо дар филме, ки соли 1945 ба сурат бардоштаанд, чӣ кор мекард. Он асно Э. Каримов, ки даҳсола буд, нақши хурдсолии Тоҳирро бозид. Боз як духтарча ҳаст дар «Тоҳир ва Зӯҳро» – Венера Қориёқубова, ки нақши хурдсолии Зӯҳроро бозидааст.

Вай холадухтари иҷрокунандаи нақши асосӣ (Зӯҳро) – Юлдуз Ризоева, фарзанди Муҳиддин Қориёқубови номвар.

Калонсолон тоқат мекарданд-куя, ин ду «эркатулфор» аз гуруснагӣ то ҷое расидани худро пинҳон намедоштанд. Ҳеҷ набошад барои ин ду бача бояд қути лоямут пайдо кард. Вале чӣ тавр?

Дар ҳамин гуна вазъ Машраб Юнусов ҷони ҷавони худ, ояндаи худро ба хатар гузошта бошад ҳам, таваккалан радиокарнайҳоро ба чаҳор тараф устувор созонд ва хоҳиш кард баландгӯякҳоро ба кор андозанд. Худ назди микрофон омад ва бо овози фораму шикаста ба қироати оятҳои Қуръон сар кард. Тиловати ӯ то деҳаҳои дурдаст танин андохт. Дин таҳқиқ ва муллоҳо ҳабс шудаанд, рӯҳониёни гурехтаву ҷонашонро халоскарда дар ҷойҳои бегона, кӣ будани худро пинҳон дошта, ҳаросон рӯз мегузаронанд. Дар ҳамин гуна шароит Қуръон – бо овози баланд!? Одамон, ки дер боз қироат нашунида буданд, ба гӯшҳои худ бовар намекарданд. Ва онҳо тоқа-тоқа, ба гӯшҳояшон бовар карда-накарда аз кулбаҳои худ баромаданд, ба ҷонибе, ки Қуръон садо медод, оҳиста роҳ пеш гирифтанд. Омаданд, нишастанд, баъде ҳама «омин» гӯён даст ба рӯ кашиданд, М. Юнусов ба онҳо рӯй овард: «Аҳволамон вазнин, ҳеҷ не ба хотири ҳамин ду кӯдак имкон агар доред, хайр кунед. Баъде роҳ ба Тошканд барқарор шуд, қарзро мегардонем».

Ба артистон ва гурӯҳи эҷодӣ, хусусан, ба М. Юнусов, ки бо нури сураҳои осмонӣ қалбашонро рӯшан сохт, бо чашми дигар нигаристаанд хӯҷакатиҳо. Гуфтанд ба «баргардондани қарз» ҳоҷат нест, барои дастгириатон кори аз дастамон меомадаро мекунем. Ва гарчанд худ аҳволи ночор доштанд, ба хонаҳо баргашта, бо як чиз-ним чиз ба назди меҳмонон омаданд: кадоме нон оварду, кадоме ярма, дигаре ҷуворимакка...

– Наздик ду моҳ дар Хӯҷакент мондем, – ҳикоят мекард раҳматӣ Машрабака, – дар кӯҳистон, аз афт, ягон мулло намонда будааст, кадоме вафот кунад, барои ҷанозаи маро гирифта мебурданд, барои хидмат чизе медоданд ва ман чизи овардаамро ба рӯйи дасторхон мегузоштам. Аввал ду кӯдакро фикр мекардем, сонӣ шикамҳои дигаронро.

Ҳамин тавр, вақте Тоҳирро даруни сандуқ ниҳода, ба об сар медодем, ба танамон андак қувва, ба рӯямон сурхӣ давида буд.

Хатмкардаи Қуръон Машраббобо гоҳ бо табассум мегуфт ин суханҳоро, гоҳ бо қиёфаи ҷиддӣ.

**М. ШОДИЕВ.**

# СИРРИ ОШПАЗИИ МАН

*(Ҳаҷвия)*

Рӯзи истироҳат бо ҷӯраҳо аз назди хонаамон мегузаштему мани нодон як даҳон гуфтам, ки дароед, як пиёла чой мекунам. Аслан, ин таклифи ман аз рӯйи таомули миллӣ буд. Дар ин хел вақтҳо ҳамроҳон мувофиқи одат, "ташаккур, насиб бошад, ягон рӯзи дигар" гуфта, бояд монда мерафтанд. Не, падарқусурон таклифи маро рост пиндошта, "ҳозир" гуфтанд. Аъзамҷон мошинашро дар канори роҳ гузошт. Ҳамкорон дарозу кӯтоҳ шуда, пешопас ба ҳавлӣ даромаданд.

Занак дар хона набуд. Бачаҳо ҳам дар боғчаву мактабашон. Аҳвол расво. Бо вуҷуди он, сир бой надода гуфтам:

– Марҳамат, шумо бо ҳузуру ҳаловат дар болои кат шишта истед, ман ҳозир ягон чиз ташкил мекунам.

Баъди дуои дурударози Муҳаммадраҷаб дар пешашон дасторхон кушодаму худам ба ошхона даромадам. Пешгири занакро ба пеши барам баста, ҳама ҷойро хабар гирифтам: дар яхдон гӯшт набуд, ки ба пеши меҳмонон ҷиз-биз карда барорам. Ин хел шармандагиро дида, забони ба хона таклифкардаамро аз беху бунаш канда партофтанам омад. Вале чӣ илоҷ? Дар берун ҷӯраҳо мунтазири зиёфат. Эҳ-е, ин ҳамкорони муттаҳаму хушқилиқи ман аз ҳисоби дигарон хӯрданро шараф медонанд. Ба онҳо кайфу маишат бошад, шуд. Яке аз ин хел зотҳо, дурӯғ нашавад, худам мебошам... Хайр, одамизод аз доми чӣ қадар баду бало мераҳаду ман-чӣ?! Худоё, мадад!

Бинам, дар таги дег каме шӯрбои шабмонда. Онро болои плита гузошта, оташи газро гирондам. Дар яхдон ним тос мошкичирии серӯза, дар як коса картошкабирён. Ҳимматбаландӣ карда, онҳоро ҳам ба даруни дег андохтам. Ҳамин вақт чашмам ба табақчаи болопӯшидаи рафи ошхона афтод. Дарунаш салати помидору бодиринги чалахӯрдаи бачаҳо. Ҳайф нашавад, онро ҳам ба даруни дег чаппа кардам.

Чашми бачаҳо наафтодаастдия, бинам дар болотари ҷевони ошхона қуттии консерви моҳигин ва ним бонка себқоқи мағорзада. Бо онҳо дег нимпур шуд. Барои чашмбандии ҳамкорон ба болояш ҳар хел зиравории, мурчу қаланфур ва намак ҳам пошидам. Баъд камтар об андохта, бо сарпӯши дег ҳамаашро буғдам кардам.

Ҳусни ҳар гуна дасторхон араќи сабилмонда! Меҳмононро хурсанд карданӣ шуда, як шиша арақро бо хӯришҳои туршаку тандакаш баровардам.

– Ана зебидааст! – пешгири маро дида, хандиданд онҳо.

– Мисли занҳо бо пешгир ош пазед, таом бомаза мешавад, – барои пешгирии айби ош даҳони онҳоро пешакӣ бастанӣ шудам. – Шумо ашки булбул барин биста-биста зада истед, ман ҳозир ошро кашида меоям. Янгаатон нестанд, айб намекунед...

– Арақа, ки баровардед, вай ҳамаи камбудиҳоро рӯпӯш мекунад, – гӯён Комили мулоимхнук даҳони шишаи арақро кушод ва деҳқонӣ карда, ба пиёлаҳо рехт. Баъди якпиёлагӣ гирифтан, ман боз ба ошхона даромадам.

Табақи калонро гирифта, дар тагаш як қатор нонҳои қоқи буридамондаамро мисли плиткаҳои рӯйи суфа чиндам. Ба болояш кӯҳ барин карда оше, ки ягон номи аниқе надошт, кашида, ба пеши меҳмонон баровардам.

Бӯғаш ба боло баромада истода, бӯйи аҷиби хушаш димоғҳоро хориш мекард. Баробари ба рӯйи дасторхон гузоштани табақ ҷӯраҳо ба ҳуҷуми барқвор гузаштанд. Дилу бедилон ман ҳам чумчаро ба даст гирифтам. Хӯрда бинам, ош не, марҳами ҷон. Бо чақ-чақу ханда, шишаи дувум ҳам холӣ шуду чанги таги табақ баромад.

– Оши зӯр шудааст, – гуфт Асрор. – Номи ин хӯроки пухтаатон чист?

Ман чӣ гуфтанамро надонистам. Агар чӣ хел пухтанамро гӯям, боз зада накушанд. Бинобар ҳамин, гапро ғуҷола кардам:

– Рости гап, худам ҳам, намедонам. Янгаатон пагоҳӣ андохта будааст. Ман фақат гарм карда кашида омадам.

– Аз янга ретсепташро пурсидан даркор, – хоҳиш кард Аъзамҷон. – Ин хел таомро ман бори аввал мехӯрам. Навишта ба хона барам, занаки бедасту панҷаи ман ҳам пухтани ошҳоро ёд гирад!

Ба вай пайравӣ карда, дигарон ҳам талабгори ретсепти ош шуданд. Ман сирро бой надода гуфтам:

– Занаки мо аноӣ не. Ретсепташро ба ҳеҷ кас намедиҳад. «Ин сирри пазандагии ман аст» мегӯяд.

– Ретсепташро нагӯянд, боз хубтар, – аз ҷавоби ман хулосаи ба худ даркорӣ баровардa, гуфт Комили мулоимхунук. – Хумори ин хел ош гирад, боз ба ҳамин ҷо меоем.

– Бемалол. Як ош аз шумо зиёд не, – гӯён ҷавоб додаму боз забонамро бурида партофтанам омад...

**Бахтиёри ҶУМЪА.**

## Латифаҳо

### Номзади депутатӣ

Аз номзад ба депутатӣ пурсиданд:

– Барои чӣ номзадиатонро ба депутатӣ гузоштед?

– Охир, худатон бинед, дар атроф чӣ гапу кор аст! Вазифадорон пурра ба ришвахорӣ, ҷамъ намудани сарват ва бепарвоӣ дода шудаанд!

– Ва шумо мехоҳед бо ин мубориза баред?

– Не, ман мехоҳам дар он иштирок кунам!

### Занги дар

Шаб занги дар садо дод.

– Кист?

– Кушоед, милитсия!

– Дар хона касе нест.

– Набошад, ин кӣ гап мезанад?

– Ба назаратон намуд.

– Ин хел бошад, чароғ барои чӣ гирон аст?

– Ҳозир мекушам...

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

***Эй Ҳофизи Шерозӣ,***
***Ту кошифи ҳар розӣ.***



Агар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯйӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Аҳли дил» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

### АҲЛИ ДИЛ

*Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ, ки хатост,*
*Суханшинос найӣ, ҷони ман, хато инҷост!*

*Сарам ба дунйиву уқбо фурӯ намеояд,*
*Таборакаллаҳ аз ин фитнаҳо, ки дар сари мост.*

*Дар андаруни мани хастадил, надонам кист,*
*Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост?*

*Дилам зи парда бурун шуд, куҷоӣ, эй мутриб,*
*Бинол ҳон, ки аз ин парда корҳо ба навост.*

*Маро ба кори ҷаҳон ҳаргиз илтифот набуд,*
*Рухи ту дар назари ман чунин хушаш орост.*

*Нахуфтаам зи хаёле, ки мепазад дили ман,*
*Хумори садшаба дорам, шаробхона куҷост?*

*Чунин ки савмаа олуда шуд зи хуни дилам,*
*Гарам ба бода бешӯед, ҳақ ба дасти шумост.*

*Аз он ба дайри муғонам азиз медоранд,*
*Ки оташе, ки намирад ҳамеша, дар дили мост.*

*Чӣ соз буд, ки дар парда мезад он мутриб,*
*Ки рафт умру ҳанӯзам димоғ пур зи ҳавост.*

*Нидои ишқи ту дишаб дар андарун доданд,*
*Фазои синаи Ҳофиз ҳанӯз пур зи садост.*

*Сухани доноёни дилсӯзро бояд ба ҷон харид ва ба кор баст ва аз ғуруру напазируфтан канора гирифт, ҷаро, ки онҳо аҳли бинишанд. Ишқ бо ҷони ҳамагон маънус аст ва мондагор ва ҳар чӣ ҷуз он ишқ нест.*

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

***Дар Боку шаби эҷодии сарояндаи опера, роҳбари гурӯҳи «Регистон» Хурсанд Шеров баргузор шуд. Он аз ҷониби сафоратхонаи Ӯзбекистон бо дастгирии Хонаи Русия дар Озарбойҷон ташкил гардид.***

# САРОЯНДАИ ВЕЛОСИПЕДРОНИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР БОКУ КОНСЕРТ ДОД

Бояд гуфт, ки Хурсанд Шеров нафақат бо эҷодиёти худ, балки бо бисёр велопойгаҳои байналхалқиаш низ шуҳрат дорад, ки ба хотираи Артисти халқии СССР, Муслим Магамаев бахшида шудаанд. Сароянда бо велосипед роҳи 14 ҳазор километрaро тай карда омад. Вай 22 июн аз Тошканд баромада, аз тариқи сарҳадҳои Қирғизистон, Қазоқистон ва Русия охири моҳи октябр ба Озарбойҷон расид. Раҳораҳ бисёр консертҳо дод ва бо ҳамдиёроне, ки дар шаҳрҳои гуногуни Қазоқистону Русия буду бош доранд, вохӯриҳо баргузор кард.

Чорабинии Боку беш аз 100 мухлису ҳаводорони эҷодиёти сароянда, аз ҷумла ӯзбекистониёнеро, ки дар Озарбойҷон зиндагӣ ва кор мекунанд, ҷамъ овард.

Дар шабнишини эҷодии хеш сароянда якҷо бо овозхонҳои озар сурудҳои машҳури Муслим Магамаев, Анна Герман, Робертино Лорети, намунаҳои эҷодиёти худ ва сурудҳои халқҳои ӯзбек ва озарро иҷро кард.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БОКУ.*

# ЛУҒАТЕ, КИ ҚАРОБАТИ ДУ ХАЛҚРО АЁНТАР МЕСОЗАД




***Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, адиб Сулаймон Эрматов, ки дар самти инъикоси таърихи робитаҳои адабии мардуми тоҷику ӯзбек хизматҳои шоён кардааст, «Луғати ӯзбекӣ – тоҷикӣ»-ро омодаи чоп намуд, ки чанде пеш дар КВД КТН «Шарқи озод» ба табъ расид.***

Луғати мазкур қаробати забону фарҳанги ҳар ду халқро бори дигар собит менамояд. Тавре аз мушоҳидаи он бармеояд, калимаҳое, ки дар ҳар ду забон як хел истифода мешаванд, хеле зиёданд. Яъне, ин ду халқ он қадар ба ҳам қаринанд, ки ин қаробат ба фонди луғавиашон таъсири бузург гузоштааст. Масалан, тифли дар гаҳвораи тоҷику ӯзбек аз як калима — «алла» тасаллӣ меёбанд. Дар тӯйи арӯсии тоҷику ӯзбек як тарона — суруди «Ёр-ёр» садо медиҳад. Калимаҳои муҳаббат, ишқ, меҳр, вафо, садоқат, бахт ва саодатро, ки дилдодаҳоро як умр ба ҳам мепайванданд, ҳар як хонадони тоҷику ӯзбек истифода мебаранд.

Тавре муаллифи луғат Сулаймон Эрматов зикр кардааст, вожаи тоҷикии гул, ки рамзи зебоӣ ва бедоршавии табиат аст, дар забони ӯзбекӣ муодил надорад.

Ба якдигар бисёр наздик будани тарзи зиндагии ин ду халқ дар ифодаи калимаҳои зерин низ баръало намоён аст: рӯймол, нон, рӯзгор, ғалла, чилла, якандоз, заргар, қишлоқ, қошуқ, қош ва ғайра. Калимаҳои тоҷикии якдил, меҳрубон, ширин, хурсанд ва ғайра бо ёрии пайвандакҳои ӯзбекӣ дар ин забон он қадар «худӣ» шудаанд, ки аз забони дигар ворид шуданаш эҳсос намешавад. Масалан, хурсандчилик, меҳрубонлик, борикбинлик, боғбонлик, деҳқончилик, ғамхӯрлик, ғаллакорлик ва ғайра.

Тӯли асрҳо паҳлуи ҳам зистани мардуми тоҷику ӯзбек боиси он гаштааст, ки аксар зарбулмасалу мақолҳои ду халқи бародар ҳаммаъноанд. Масалан, мақолҳои «Сукут – аломати ризо», «Аввал таом, баъд калом», «Зери коса — нимкоса», «Ҷавоби аҳмақ — сукут», «Тарки одат – амри муҳол», «Пеш аз тӯй нақора», «Аз бекор Худо безор» ва ғайра дар ду забон як хел ифода ёфтаанд. Яке аз хусусиятҳои луғати мазкур он аст, ки мақолҳои ӯзбекӣ бо тартиби алифбои тоҷикӣ ҷойгир шуда, сипас вариантҳои тоҷикиашон оварда шудаанд.

Дар луғат ба хотири аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар наздик будани аксар калимаҳои ӯзбекӣ – тоҷикӣ ҳар калимаро шарҳу эзоҳ надода, ба ҷойи он синонимҳои ҳамон калима оварда шудааст. Масалан, завол – пастравӣ, заифӣ – бемадорӣ. Ё ин ки «Закӣ – зирак, ҳушёр, хушфаҳм».

Аз мутолиаи луғат хонанда дармеёбад, ки аксар калимаҳои арабӣ дар ҳар ду забон як хел истифода мешаванд, Масалан, китоб, қалам, маҷлис, сабаб, аҳвол, адаб, абёт, абад, адл, аврат ва ғайра.

Луғати мазкур, пеш аз ҳама, барои тарҷумонҳое пешбинӣ шудааст, ки мақолаю асарҳои бадеӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва илмию оммавиро аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ бармегардонанд.

Аз он хонандагон, донишҷӯён ва онҳое, ки ба омӯхтани забони ӯзбекӣ рағбат доранд, низ истифода бурда метавонанд. Баробари ин, «Луғати ӯзбекӣ – тоҷикӣ» барои ӯзбекзабонҳое, ки шавқи омӯхтани забони шевои тоҷикиро доранд, муфид хоҳад буд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
*ш. ДУШАНБЕ.*

# МАНОРАИ ҶАРҚӮРҒОН



Ёдгории меъморие, ки дар ноҳияи Ҷарқӯрғони вилояти Сурхондарё ҷойгир аст, аз ҷониби ҳукмдори сулолаи Салҷуқӣ, амири Хуросон Абу Саъд Сумғур Бадрон ибни ал-Қумоч соли 1108-1110 бунёд ёфтааст. Пойдевори манора аз курсии 8 кунҷдор сохта шудааст. Дар маркази ҳар як кунҷ тоқи айвондор мавҷуд.

Ба воситаи яке аз ҳамин тоқҳо, ки дарича ҳам дорад, ба зинае, ки дар қисми дарунии манора ҷойгир аст, мебароед ва тавассути он то нуқтаи баландтарин, ки муаззинхона аст, мебароед.

Баландии ҳозираи манора 21,6 метр ва диаметраш 5,4 метрро ташкил мекунад. Дар девори вай номи меъмори он Алӣ ибни Муҳаммад Сарахсӣ ва санаи бунёд гардидани манора китобат шудааст. Дар вақти бунёд баландиаш 42-43 метрро ташкил мекардааст.

Манораи Ҷарқӯрғон бо нақшу нигори зебои нотакрораш, ки чун баргҳои арча нозук аст ва бо нафосату салобаташ бинандаро ба ҳайрат меорад. Он яке аз се манораи дунё (Афғонистон, Ҳиндустон ва Ӯзбекистон) маҳсуб мeёбад, ки дар шакли «мавҷ» бунёд ёфтааст.

**Олим ПАНҶИЗОДА.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125. Адади нашр 4694 ҳаҷм 4 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррирони навбатдор:
А. Субҳонов, Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.